ШАКАР ҲАМ ҚИММАТ МЕШАВАД с.3

СПАД: АЛАЙҲИ НАТО ВА ТОЛИБОН с.4

ШЕЪРҲОИ ЧОПНАШУДАИ ЛОИҚ с. 6



# ТОҶИКИСТОН

№20 (1479) 18.05.22 Оғози нашр: марти 1992

*Рӯзнома зиёд, «Тоҷикистон» яктост!*





**ПРОФЕССОР СОДИҚӢ:**
Маро Хайём ба Тоҷикистон овард
с.10

**ҶАҲИШИ НАРХИ ОРД**
Омори ғалату баҳонаҳои блоки иқтисодӣ
с.5

**РУСИЯ:**
Барои ҳимояи марзи Тоҷикистон кумак мекунем!
с.4


# «АБОБИЛ-2»

## ТАЙЁРАИ БЕСАРНИШИНИ ЭРОН ВА ТОҶИКИСТОН БА ЧӢ ҚОДИР АСТ?








**МУЪМИН ҚАНОАТ:**
Ҳаёҳуйи мо беҳуда аст!
с.11

**ВАРЗИШ:**
Нокомии тоҷикон дар чемпионати ҷаҳон
с.15



Эълонҳои бештар дар ARZON.TJ

**ҲАЙАТИ МУШОВАРА**

**Шариф ҲАМДАМПУР,** Сармуҳаррир, раиси ҳайати мушовара

**Усмон РАҲИМЗОДА,** муовини сармуҳаррир

**Одил НОЗИР,** муҳаррир

**Талбак НАЗАРОВ,** раиси "Сандуқи хайрияи Тоҷикистон", академик

**Муҳаммадюсуф ИМОМЗОДА,** академик

**Фарҳод РАҲИМӢ,** президенти АИ Тоҷикистон, академик

**Далер ҶУМЪА,** вазири энергетика ва захираҳои оби ҶТ

**Саидмукаррам АБДУЛҚОДИРЗОДА,** раиси Шӯрои уламои Тоҷикистон

**Ҷамшед САЪДУЛЛОЕВ,** профессор

**Шералӣ РИЗОЁН,** сиёсатшинос

**Абдулмаҷид УСМОНОВ,** Журналист

**Масъуди МИРШОҲӢ,** раиси Бунёди Рӯдакӣ Фаронса

**Ҳалима ХУШҚАДАМОВА,** Профессор, ҷомеашинос

**Амина ШАРОФИДДИНОВА,** узви Анҷумани "Пайванд", Ӯзбекистон

**Мухтор БОҚИЗОДА,** шореҳи сиёсӣ

**Фазлиддин АСОЗОДА,** муҳаррири сомонаи Pressa.tj

**Умед СУЛТОНОВ,** саҳифабанд

**МУАССИС:**
**Ҳайати кормандони ҳафтанома**

*Ҳафтанома дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №0054/РЗ сабти ном шудааст.*

*Дар ҳафтанома матолибе низ ба нашр мерасанд, ки ба мавқеи идора мувофиқ нестанд. Барои дар дигар нашриёҳо чоп намудани матолиб ва иқтибосҳо аз «Тоҷикистон» зикри манбаъ ҳатмист. Ҳуқуқи муаллифии ҳамаи матолиби шумора ба идораи ҳафтаномаи «Тоҷикистон» тааллуқ доранд ва тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва байналмилалӣ ҳифз карда мешаванд. Ҳафтанома аксҳо ва маводҳои ҷолибро аз шабакаи Интернет мавриди истифода қарор медиҳад. Ҳафтанома масъулияти маводҳои интиқодӣ ва хусусияти таблиғотиро ба дӯш надорад. Инчунин, ба мазмун ва санаду рақамҳои маводи чопшуда муаллифон ҷавобгаранд.*

**ТЕЛЕФОНИ ИДОРА:**
**221-00-84,**
**tojikiston@pressa.tj**

**ШУЪБАИ РЕКЛАМА:**
Ш. Душанбе, хиёбони И. Сомонӣ 3
**44 601-35-95**
**director@tayron.tj**

**ШУЪБАИ ЭЪЛОН:**
ш. Душанбе, хиёбони С. Шерозӣ 16
**238-78-78, 44 640-99-88**
**ads@rg.tj**

**ФУРӮШИ РӮЗНОМАҲО ВА ОБУНА**
**938-66-82-64, 221-41-11**
**furush@rg.tj**


# Pressa.tj: ХАБАР МЕДИҲАД

## СОҲИБКОРОНИ ТУРКИЯ БА ТОҶИКИСТОН МЕОЯНД

**Ҳайати 30-нафараи тиҷоратии Туркия ба Тоҷикистон меоянд. Ин ҳайат таҳти роҳбарии муовинони вазири саноат ва технологияи Туркия Четин Алӣ Дюнмез ва Ҳасан Бюкдеди рӯзҳои 19-21-уми май вориди Душанбе мешаванд.**

Дар Душанбе бо иштироки ҳайати тиҷоратии Туркия ва доираҳои тиҷоратии Тоҷикистон вохӯрии B2B доир гардида, дар он имконоти сармоягузории Тоҷикистон, Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав ва минтақаҳои озоди иқтисодии кишвар дар шакли рӯнамой муаррифӣ мешаванд.

Гуфта мешавад, ки ҳайати тиҷоратии Туркия бо роҳбарони вазорату идораҳои марбутаи Тоҷикистон мулоқот анҷом медиҳанд. Дар ин вохӯриҳо роҳҳои тақвияти ҳамкории иқтисодиву тиҷоратии Тоҷикистон ва Туркия баррасӣ карда мешавад.

## 15 СОЛИ ЗИНДОН БАРОИ БО ТАБАР ЗАДАНИ ВАКИЛ

**Як сокини ноҳияи Файзобод бо гуноҳи бо табар задани вакили деҳа ба 15 сол зиндони низомаш сангин маҳкум гардид. Ҳодиса моҳи октябри соли 2021 рух додааст, аммо ҳукми суд моҳи апрели соли равон баромад.**

Бино ба иттилои дафтари матбуоти Прокуратураи генералии Тоҷикистон, Нуриддин Камолов, сокини деҳаи Офтобрӯяи ноҳияи Файзобод 24-уми октябри соли гузашта вакили деҳа Қурбоналӣ Давлатовро барои роҳнамоӣ кардани маъмурони Хадамоти оташнишонӣ ба хонаааш бо табар задааст. Он замон Камоловро ба истифодаи ғайриқонунии неӯри барқ бо истифода аз асбоби худсохт муттаҳам карданд. «Нуриддин Камолов бо табар ба Қурбоналӣ Давлатов ҳамла кардааст, ки дар натиҷа гарданаш захм бардошта, дасташ шикастааст»,- омадааст дар иттилоия.

## ГӮШАИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОНРО ДАР БОКУ ОРО ДОДАНД

**Ба муносибати 30-юмин солгарди истиқрори муносибатҳои дипломатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Озарбойҷон дар шаҳри Боку чорабинии фарҳангӣ таҳти унвони "Рӯзи Тоҷикистон дар Академияи дипломатии Озарбойҷон" баргузор гардид.**

Бино ба иттилои Вазорати корҳои хориҷии Тоҷикистон, ташаббускорони он Сафорати Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Озарбойҷон ва Академияи дипломатии Озарбойҷон мебошанд.

Тавре манбаъ зикр мекунад, дар чорабинӣ гӯшаи миллии Тоҷикистон бо риояи урфу одат ва анъанаю суннатҳои мардумӣ оро дода шуда, дар он китобҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, аксу мусаввараҳои минтақаҳои сайёҳии кишвар бо дарҷи таърихи бою фарҳанги пурғановати миллати қадимаи тоҷик ва дигар ҳунарҳои мардумӣ, аз ҷумла сӯзанӣ ва намуна аз либосҳои гулдӯзӣ, чакан, асбобҳои мусиқӣ ба маърази тамошои меҳмонон ва донишҷӯён гузошта шудааст.



*Акси охирини Ҳоҷӣ Исмоил Пирмуҳаммадзода, ки санаи 14.05.2022 дар маҳфили эҷодии Бӯрӣ Карим бардошта шудааст*

## ҲОҶӢ ИСМОИЛ ПИРМУҲАММАДЗОДА ДАРГУЗАШТ

Руҳонии шинохтаи тоҷик Ҳоҷӣ Исмоил Пирмуҳаммадзода бар асари беморӣ қалб дар синни 70-солагӣ аз олам даргузашт.

Турбати ӯ 18-уми май дар мавзеи Сомончии ноҳияи Фархор, паҳлуи мақбараи падараш Махсуми Санги Кулӯла ба хок супорида шуд.

Ҳоҷӣ Исмоил Пирмуҳаммадзода натиқ ва ровии моҳир, имом-хатиб, узви Иттифоқи журналистони Тоҷикистон, барандаи Ҷоизаи ба номи А. Лохутӣ ва соҳиби унвони «Пайдаи сол» буд. Дар радиои ҷумҳурӣ дар хондани «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ, «Маснавии маънавӣ»-и Мавлавӣ, осори Мирзо Бедил, Рӯдакӣ натиқӣ кардааст.

Исмоил Пирмуҳаммадзода тараннумгари ахлоқи ҳамидаи инсонӣ ва ҳамзамон, яке аз муаллифони фаъоли ҳафтаномаи "Тоҷикистон" буд.

**Аҳли эҷоди нашрияи "Тоҷикистон" ва сомонаи Pressa.tj аз марги руҳонии варзидаи тоҷик Ҳоҷӣ Исмоил Пирмуҳаммадзода андуҳгин буда, ба пайвандону наздикони марҳум сабри ҷамил хоҳонанд.**

## САРИ САБЗ



**Адаш ИСТАД, нависандаи тоҷики муқими Самарқанд**

**- Дар мо ақидаи ғалате ҳаст, ки забони адабӣ танҳо хоси театр, донишгоҳу мактаб ва баъзе шоиру нависандаҳост. То халқ ба забони адабӣ суҳбат накунад, миллат пайдо намешавад.**

*- Аз ин нуқтаи назар, барои миллатсозӣ қабл аз ҳама пеши роҳи "ҳарчиҳонӣ"-и анбӯҳи сарояндаҳоямонро гирифтан лозим аст!*



**Зиёвиддини НУРЗОД, сарояндаи шинохтаи тоҷик**

**- Ҳамроҳи мутрибон омодагӣ гирифта будем ва пеш аз сафар ба Панҷакент аз манъи баргузории консертамон огоҳ шудем. Ман танҳо даъватӣ будам ва корҳои ташкилӣ ба дӯши дигарон буд.**

*- Хуб шудааст, ки даъватӣ будаед, он қадар алам намекунад. Вале, дар асл, гуфти масъулини Панҷакент, шарт аст рафтану "ба корҳои саҳроӣ халал расонидан"?*



**Игор АБАКУМОВ, номзади илмҳои иқтисодӣ**

**- Мо бояд барои маҳсулоти тоҷикӣ тамғаҳои ҷолибе пайдо кунем. Ҳоло онҳо вуҷуд надоранд. Барои истеҳсолкунандагони Тоҷикистон як майдони бузурги фаъолият вуҷуд дорад, ки ин корро карда метавонанд.**

*- Эҳа, мо барои интиқоли маҳсулотамон аз як нуқта ба нуқтаи дигари кишвар душворӣ мекашему шумо дар бораи тамғаҳои ҷолиб гап мезанед!*

# «АБОБИЛ-2»

## Тайёраи бесарнишини Эрон ва Тоҷикистон ба чӣ қодир аст?

**Раиси ситоди нерӯҳои мусаллаҳи Эрон генерал-майор Муҳаммад Ҳусейн Боқирӣ ва генерал Шералӣ Мирзо, вазири дифои Тоҷикистон рӯзи сешанбе дар Тоҷикистон корхонаи тавлиди тайёраҳои бесарнишини эронии “Абобил-2”-ро ифтитоҳ карданд. Бо дарназардошти вазъи минтақа истеҳсоли “Абобил-2”-ро коршиносон фоли нек арзёбӣ мекунанд.**



### Умедвории Боқирӣ

Бино ба иттилои “ИРНА”, ба манзури таҳким ва тавсеаи ҳамкориҳои муштараки дифоъӣ ва низомии ду кишвар ифтитоҳи ин корхона бо ҳузури гурӯҳе аз мақомоти Эрон ва Тоҷикистон баргузор шудааст.

> **ГЕНЕРАЛ БОҚИРӢ ИФТИТОҲИ КОРХОНАИ «АБОБИЛ-2» ДАР ТОҶИКИСТОНРО ЯК ГАРДИШ ДАР ҲАМКОРИҲОИ НИЗОМИИ ДУ КИШВАР ХОНДА, ГУФТ: “ХУДО ХОҲАД, ДАР ОЯНДА ҲАМКОРИҲОИ БЕШТАР АЗ ҲАМА САТҲҲОИ ДИФОИ НИЗОМИИ ЭРОН ВА ТОҶИКИСТОНРО РОҲАНДОЗӢ МЕКУНЕМ”.**




*Тайёраи бесарнишини "Абобил-2"*

Генерал Боқирӣ дар суханронии худ дар ин маросим гуфтааст, ки Ҷумҳурии Исломии Эрон бо талошҳои мутахассисон ва донишмандони содиқаш ва бо истифода аз зарфиятҳои дохилии худ тавонист дар ҳама абзорҳои низомӣ ва дифоъӣ, ба вижа тавлиди ҳавопаймоҳои бидуни сарнишин ба рушди қобили мулоҳизае ноил шавад.

«Имрӯз мо дар мавкее ҳастем, ки ба чуз аз таъмини ниёзҳои дохилӣ ба манзури афзоиши амният ва сулҳи пойдор, метавонем ба кишварҳои ҳампаймон ва дӯст таҷҳизоти низомӣ содир кунем»,- гуфтааст Боқирӣ.

Генерал Боқирӣ ифтитоҳи корхонаи «Абобил-2» дар Тоҷикистонро як гардиш дар ҳамкориҳои низомии ду кишвар хонда, гуфтааст, ки “Худо хоҳад, дар оянда ҳамкориҳои бештар аз ҳама сатҳҳои дифои низомии Эрон ва Тоҷикистонро мебинем”.

Дар анҷоми маросим калиди рамзии ифтитоҳи корхона ва шаҳодатномаи хатми курси омӯзишӣ ба фармондеҳон ва ситоди нерӯҳои ҳавоии Тоҷикистон супорида шудааст.

### «Абобил-2» чӣ хусусият дорад?

Ҳавопаймои «Абобил-2» яке аз аввалин дастовардҳои ҳавопаймои бесарнишини Ҷумҳурии Исломии Эрон аст, ки то имрӯз бо теъдоди зиёд истеҳсол шуда, ба танзими тӯмҳои гуногуни нерӯҳои мусаллаҳи Эрон дода шудааст.

Расонаҳои эронӣ шиносоии ҳавоӣ ва назорат бар майдони ҷанг, гашти марзӣ, аккосии ҳавоӣ, танзими тирандозии тӯпхона ва иҷрои амалиёти безараргардонӣ (инҳидомӣ)-ро аз дигар қобилиятҳои ин паҳпод донистаанд.

Бурди амалиётии ин паҳпод 100 километр буда ва давомнокии парвози “Абобил-2” аз 75 то 120 дақиқаро дар бар мегирад. Ҳамчунин, ин паҳпод метавонад то баландии 11000 ҳазор пой (3352,8 метр) ва бо суръати 250 километр дар соат парвоз кунад.

Ин ҳавопаймо 1 метр баландӣ, 2 метру 80 см дарозӣ, 3 метру 25 сантиметр паҳнои бол дорад.

Бо давомнокии 1,5 соат, “Абобил-2” метавонад масофаи то 200 км дошта бошад ва суръати максималии он ба 220 км/соат мерасад.

Ин бесарнишин метавонад ба баландии 5000 метр аз замин боло рафта, дар амалиёти назоратӣ ва иктишофӣ майдони 770 километри мураббаъро назорат кунад.

Системаи навигатсионии “Абобил-2” GPS/INS буда, роҳнамой ва идоракунии он ҳам аз дур ва ҳам автоматӣ буда метавонад, ки бурди ин ҳавопайморо дар речаи автоматӣ зиёд мекунад.

“Абобил-2” бо муҳаррики поршении дусилиндраи 25 кувваи асп кор мекунад, ки дар як соат тақрибан 5 литр сӯзишворӣ сарф мекунад.

“Абобил-2” инчунин қобилияти парвоз кардан аз киштиҳои зериобӣ ва қаиқҳои суръатбахшро дорад, ки дар солҳои охир киштиҳои зудамали нерӯҳои баҳрии Сипоҳи посдорони Эрон бо ин ҳавопаймо муҷаҳҳаз шудаанд.

### Мубоpизаи муштарак

Дар идомаи сафари корӣ раҳбари Ситоди кулли Нерӯҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Исломии Эрон Муҳаммади Боқирӣ бо Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон мулоқот кард.

Тибқи иттилои дафтари матбуотии Сарвари давалат, мулоқоти Эмомалӣ Раҳмон бо намояндаи аршади артиши Эрон дар Қасри миллат пас аз зуҳри 17-уми май барпо шуд.

«Зимни мулоқот доираи васеи масъалаҳои равобити Тоҷикистону Эрон, бахусус дар соҳаҳои амниятӣ ва низомии техникӣ мавриди баррасӣ қарор дода шуд»,- афзудааст манбаъ.

Ҷонибҳо ба зарурати таҳкими ҳамкорӣ дар мубориза бар зидди таҳдиду хатарҳои муосир, ба монанди терроризм, ифротгарой, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ва дигар зуҳуроти ҷинояткории муташаккили фаромиллӣ таъкид намудаанд.



Одил НОЗИР,
o.nozir@pressa.tj

## ГУМРУК: СОДИРОТ АФЗУД!

**- Ҳаҷми умумии савдои хориҷии Тоҷикистон дар семоҳаи аввали соли равон дар муқоиса бо ҳамин давраи соли гузашта 29% афзуда, ҳудуди 1,9 млрд долларо ташкил дод,- бармеояд аз маълумоти омории Хадамоти гумруки Тоҷикистон.**

Дар се моҳи аввали соли ҷорӣ содироти молу маҳсулот аз Тоҷикистон ба маблағи 660,3 млн доллар сурат гирифтааст, ки 11% зиёдтар нисбат ба семоҳаи аввали соли 2021 мебошад.

Дар ин давра аз Тоҷикистон ба хориҷи кишвар асосан фулузот (металл) ва сангҳои қимматбаҳо ($272,8 млн), маъдан ($159,5 млн), пахта ($94 млн) ва алюминий ($46,7 млн) фурӯхта шудааст.

## ШАКАР ҲАМ ҚИММАТ МЕШАВАД

**Қазоқистон аз 23-юми майи соли 2022 содироти шакару қандро ба хориҷи кишвар манъ мекунад. Чанде пеш сарвазири Покистон Шаҳбоз Шариф низ содироти шакарро аз ин кишвар мамнуъ карда буд.**

Қазоқистон ва Покистон ин тасмимро барои таъмини ниёзҳои дохилӣ ва ба эътидол овардани кимати шакар дар шароити афзоиши таваррум дар кишварҳои хеш арзёбӣ карданд.

Тавре маълум аст, дар Тоҷикистон шакар ё қанд истеҳсол намешавад. Тибқи маълумоти Хадамоти гумруки ҷумҳурӣ, дар семоҳаи аввали соли равон ба Тоҷикистон 19,5 ҳазор тонна шакар ва маснуоти қаннодӣ ворид шудааст. Дар чунин ҳолат Пажӯҳишгоҳи иқтисод ва демографияи Академияи илмҳои Тоҷикистон пешниҳод кардааст, ки барои бо шакари истеҳсоли ватанӣ таъмин намудани аҳолӣ кишти васеи лаблабуи қандро ба роҳ мондан зарур аст.

Эълонҳои бештар дар
ARZON.TJ



# АЛАЙҲИ НАТО ВА ТОЛИБОН

## СПАД дар 30 сол чӣ дастовард дорад?

**Ҳафтаи равон дар шаҳри Маскав ҳамоиши сарони кишварҳои узви Созмони паймони амнияти дастҷамъӣ - СПАД бахшида ба 30-юмин солгарди имзои Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ ва 20-умин солгарди таъсисёбии ин созмон баргузор гардид. Дар ҷаласаи мазкур аз фаъолияти 30-солаи ин паймон натиҷагирӣ шуд.**

### СПАД чӣ созмонест?

15-уми майи соли 1992 аз тарафи раҳбарони Арманистон, Қазоқистон, Қирғизистон, Русия, Тоҷикистон ва Ӯзбекистон дар шаҳри Тошканд қарордоди амнияти дастҷамъӣ имзо шуд, ки баъдан Озарбойҷон, Белорус ва Гурҷистон низ ба он пайвастанд. Қарордод соли 1994 ба тасвиб расид ва барои панҷ сол иҷроӣ шуд. Соли 1999 Арманистон, Белорус, Қазоқистон, Қирғизистон, Русия ва Тоҷикистон протоколеро дар мавриди дароз кардани мӯҳлати қарордод имзо намуданд. Аъзои дигар ҳузури худро бас карданд. Ба истисноӣ Ӯзбекистон, ки соли 2005 ба ин паймон пайваст, вале соли 2012 тасмими хориҷ шуданашро гирифт.

Тибқи ин паймон, агар яке аз кишварҳои узв мавриди ҳамла қарор гирад, ин ба унвони таҷовуз алайҳи ҳамаи тарафҳои паймон дониста мешавад, ки тибқи оинномаи Созмони Милал ҳаққи дифои дастҷамъиро ҳифз хоҳанд кард. Агар то соли 2002 ин паймон ҳамчун як тавофуқи низомӣ-сиёсии минтақавӣ тавсиф мешуд, аз моҳи майи соли 2002 СПАД тасмим гирифт, ки ба ин қарордод мақоми созмони байналмилалӣ диҳад.

Бо таҳлили фаъолиятҳои ин созмон аз он давра баъзе коршиносон онро як блоки низомӣ-сиёсии шабеҳи НАТО ва бархеи дигар абзори пешбурди манофеи Русия медонанд.

Соли 2001 дар чаҳорчӯби СПАД Нерӯҳои вокуниши сареи дастҷамъии Осиёи Марказӣ (5 ҳазор сарбоз), соли 2007 нерӯҳои посбони сулҳ (3600 сарбоз) ва соли 2009 нерӯҳои дастҷамъии зудамал (5 ҳазор сарбоз) эҷод шуданд. Аммо ин созмон қароргоҳи доимӣ надорад ва аз теъдоди номиналии сарбозон аз кишварҳои узви СПАД иборат аст.

Теъдоди низомиёни кишварҳои узви СПАД 1 миллиону 256 ҳазор аст ва 80 дарсади онҳо аз сарбозони Русия иборатанд. Соли 2020 буҷаи ташкилот ҳудуди 429 миллион рубли русӣ, баробар ба 6 миллиону 383 доллари амрикоиро ташкил медод.

### Алайҳи НАТО ва Толибон

Дар нишасти охири СПАД ду мавзӯъ дар меҳвари суҳбатҳо қарор дошт: мухолифат бо тавсеаи НАТО ва таҳдидҳо аз Афғонистон.

Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар нишасти охир гуфт, ки кишварҳои узви Созмони Паймони Амнияти Дастаҷамъӣ бояд ба раванди гуногуни ҳаводис дар қисматҳои ҷанубияш омода бошанд.

Ӯ дар идома аз вазъи Афғонистон зикр намуда, изҳор дошт, ки тайи чор даҳсолаи охир омилҳои ваҳимкунандаи вазъ дар ин кишвар афзоиш ёфтаанд. "СПАД бояд ба раванди гуногуни ҳаводис дар марзҳои ҷанубии созмон омода бошад",- таъкид намуд Раҳмон.

Александр Лукашенко - президенти Белорус гуфт, ки Маскав алайҳи тавсеаи НАТО набояд танҳо мубориза барад.

"Бидуни муттаҳидии фаврии кишварҳои узви СПАД фардои мо зери суол аст. Агар мо фавран ҳамчун як ҷабҳаи муттаҳид амал мекардем, ин таҳримҳои дузахӣ роҳандозӣ намешуданд. Русия набояд алайҳи тавсеаи НАТО танҳо мубориза барад",- гуфт рисҷумҳури Белорус.

Дар ҷаласаи ҷашнии СПАД ба масъалаи Афғонистон ва хатари он ба минтақаи Осиёи Марказӣ таваҷҷуҳи вежа сурат гирифта, зикр гардид, ки тирамоҳи соли 2022 дар Тоҷикистон машқҳои ҳарбӣ гузаронида мешаванд.

СПАД-ро аксари коршиносон як созмони беманфиат ва наздиккунандаи кишварҳои узв ба Русия арзёбӣ мекунанд. Вале сиёсатшиноси тоҷик Парвиз Муллоҷонов мавҷудияти онро барои Тоҷикистон муфид арзёбӣ мекунад.

---

## Руденко:

# РУСИЯ БА ТОҶИКИСТОН КУМАК МЕКУНАД!



**Маскав гуфт, ки Федератсияи Русия дар пасманзари вазъи нооором дар Афғонистон аз ҳама кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ пуштибонӣ хоҳад кард.**

Андрей Руденко, муовини вазири умури хориҷии Русия гуфт, ки вазъ дар Афғонистон то ҳол муътадил нест. Ӯ ин нуктаро дар конфронси II-юми осиёимарказии Клуби мубоҳисавии байналмилалии "Валдай", ки дар дар Нижний Новгород доир шуд, изҳор дошт.

Руденко гуфт, бо вуҷуди чунин бесуботӣ Русия мисли пештара ба ҳама кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ дар рафъи таҳдидҳои амниятӣ кумак хоҳад кард.

"Хатарҳо дар минтақа, пеш аз ҳама хатарҳои марбут ба Афғонистон аст, ки мутаассифона, вазъ дар он ҷо то ҳол муътадил нест",- таъкид кард дипломат.

Ба гуфтаи ӯ, вазъ махсусан дар манотиқи шимолии Афғонистон печида шудааст. Вай афзуд, ки ин ҳолат шарикон, бахусус Тоҷикистонро нигарон кардааст.

Бо вуҷуди ин, ба гуфтаи ӯ, Русия омода аст, ки бо кишварҳои минтақа ҳамкориҳои минбаъдаро идома диҳад. "Мо ба ин кишварҳо аз ҷиҳати низомӣ кумак мекунем, амнияти марзҳоро таҳким медиҳем ва дар чаҳорчӯби СПАД ёрӣ мерасонем",- хулоса кард Андрей Руденко.

Муовини вазири корҳои хориҷӣ ба хулосае омад, ки сарфи назар аз мавҷудияти мушкилот дар айни замон хатаротро бояд пешгирӣ кард.

---

# ОСИЁИ МАРКАЗӢ "AMAZON"-У "ALIBABA"-И ХУДӢ МЕСОЗАД?

**Қазоқистон ба кишварҳои ҳамсояаш дар Осиёи Марказӣ пешниҳод дорад, ки барои пайвастан ба тиҷорати байналхалқии электронӣ - Amazon, e-Bay, Alibaba ва AliExpress дар якҷоягӣ талош кунанд.**

Ин пешниҳод дар конфронси "Аз харитаҳои роҳи миллӣ то ислоҳоти минтақавӣ" дар шаҳри Нур-Султон баррасӣ шудааст. Ба даъвати Қазоқистон кишварҳои Осиёи Марказӣ барои таъсиси Amazon-и минтақавӣ посухи мусбат додаанд. Кишварҳо ҳамчунин масъалаи содироти муштараки маҳсулоти Осиёи Марказиро ба бозори Иттиҳоди Аврупо баррасӣ карданд.




# МАҲДУДИЯТИ НАВ БАРОИ МУҲОҶИРОН

**Дар Русия муҳоҷиронеро, ки доғи судии тозанашуда доранд, аз ҳаққи мусофиркашонӣ маҳрум месозанд ва ҳамчунин дигар ба ҳайси ронандаи таксӣ ба кор қабул намешаванд.**

Думаи давлатии Федератсияи Русия лоиҳаи қонунеро дар таҳрири дувум қабул кард, ки бар асоси он, шаҳрвандони дорои собиқаи ҷиноятии тозанашуда ҳаққи таксиронӣ нахоҳанд дошт.

"Ташаббус ҳам ба русҳо ва ҳам ба муҳоҷирони корӣ, аз ҷумла ба кишварҳои Иттиҳоди Иқтисодии АвруОсиё - Арманистон, Белорус, Қазоқистон ва Қирғизистон дахл дорад",- омадааст дар лоиҳаи қонун.

Дар лоиҳаи қонун маҳдудиятҳо барои кишварҳои дигар зикр нашудааст, зеро шаҳрвандони онҳо, ки доғи судӣ доранд, умуман дар Русия патент ё иҷозатномаи кор гирифта наметавонанд.

# НАРХИ ОРД БОЛО МЕРАВАД

## Омори ғалату «далел»-ҳои блоки иқтисодӣ

**Дар Тоҷикистон болоравии нарх ҳаст. Аммо поёнравиро интизор нашавед! Ё омори истеҳсоли ғалла дурӯғ аст, ё монополистон ба хотири гурез аз рақобат роҳҳоро бастаанд. Аз баҳонаҳои камчинӣ, камборишӣ, камворидшавӣ, афзоиши талабот... мардум қимоб шудаанд. Шояд блоки иқтисодӣ баҳонаҳои дигар низ дорад?**



### Мардум дар ташвишу мақомот хомӯш

Мақомоти масъули тоҷик борҳо ваъда медиҳанд, ки маҳсулоти ғалладонагӣ захира кардаанд, кишти он низ бештар аст. Яъне, бо ин мардумро дилпур кардан мехоҳанд, ки орд қиммат намешавад. Аммо дар пасманзари ин ҳама ду моҳ инҷониб нархи орд дар Тоҷикистон майли болоравӣ дорад. Наход як халта орди 50 кг дар бозорҳои мо аз 400 сомонӣ ҳам гузашта бошад? Куҷост инсофу виҷдон ва назорати ниҳодҳои танзиму захираи маҳсулот?

Фурӯшандаҳо бошанд, мардумро дар таҳлука гузоштаанд, ки ин ҳадди охир нест. Метавонад аз ин болотар равад. Зеро коҳиши воридоти гандум ба кишвар, қурби асъор ва дигар омилҳо метавонанд таъсири худро гузоранд. Вале суол ин аст, ки мақомоти дахлдори кишвар, аз ҷумла вазоратҳои кишоварзӣ, рушди иқтисод ва савдо, Хадамоти зиддиинҳисорӣ (ниҳоди танзими нарх) дар пешорӯи ин гуна болоравии нархи ғизои аввалиндараҷа чӣ кор мекунанд?

Чанд рӯзи охир шикояти сокинони кишвар аз якбора қиммат шудани орд бештар аст. Имрӯзҳо ях халта орди 50-килоии истеҳсоли ватанӣ 340-360 сомонӣ, истеҳсоли Қазоқистон 370-400 сомонӣ аст. Арзиши халтаҳои орди 10-килоӣ 75-80 сомонӣ ва 5-килоӣ 40-45 сомониро ташкил медиҳад. Баъзан, дар макони ордфурӯшӣ чунин менависанд, вале гапу амали савдогарон ба навиштаҷот рост намеояд. Нархи 1 халта ордро аз 400 сомонӣ ҳам бештар ба харидорон пешниҳод мекунанд. Ин бори аввал нест, ки дар мо нархи ғизои асосии мардум майл ба болоравӣ дорад. Ҳанӯз моҳи март арзиши як халта орди 50-килоӣ аз 270-280 то ба 290-325 сомонӣ зиёд шуда, ба ин тариқ, дар зарфи 2 моҳ сатҳи болоравӣ тақрибан аз 20% ҳам убур кард.

Харидорон аз фурӯшандаҳо шиква мекунанд, ки иштиҳояшон қозғир шудаву ба хотири манфиати муфт ордро гарон мефурӯшанд. Аммо истеҳсолкунандагони орд изҳор медоранд, ки дар болоравии нарх онҳо гунаҳкор нестанд. Зеро гандуми воридотӣ аз Қазоқистон қиммат шудааст. Ҳамчунин, ин кишвар содиротро ба кишвари мо кам кардааст. Истеҳсолкунандагони орд дар кишвар сабабҳои дигарро ҳам номбар мекунанд: камшавии захираи гандум дар анборҳо, гароншавии гандум дар саросари дунё, мушкилии парвариши гандум дар Тоҷикистон бо сабаби нархҳои баланди маводи сӯзишворӣ ва нуриҳои минералӣ, таваррум ва зиёдшавии хароҷоти хидматрасонии нақлиёт. Хадамоти зиддиинҳисорӣ бошад, болоравии нархҳоро ба афзоиши нархи гандум дар Қазоқистон марбут медонад.

Соли гузашта арзиши 1 тонна гандум аз Қазоқистон ба ҳисоби миёна 240 доллар ва моҳи январи соли 2022-юм 285 долларро ташкил додааст ва мутаносибан соли гузашта як халта орд дар Тоҷикистон ба ҳисоби миёна 240 сомонӣ, аввали соли ҷорӣ 280 сомонӣ ва акнун аз 350 то 400 сомонӣ нарх дорад.

### Як назар ба омор

Бино ба маълумоти Вазорати кишоварзӣ, имсол дар зиёда аз 170 ҳазор гектар зироати ғалладона, асосан гундум кишт шудааст. Тибқи омори расмӣ, соли гузашта дар Тоҷикистон зиёда аз 1,5 млн тонна зироати ғалладона кишт шудааст, ки ҳудуди 1 млн тоннааш навъҳои гуногуни гандум мебошад. Ин нишондиҳанда тақрибан 50%-и талаботи аҳолии ҷумҳуриро қонеъ мекунад. Ҳамчунин, бино бар омори расмии Вазорати кишоварзӣ нақшаи кишт низ бештар аст.

Вале то куҷо оморҳои мо ба бозор рост меоянд, ки нархи вокеии орд нигаронкунанда аст? Ба назар чунин менамояд, ки ниҳодҳои мо мехоҳанд бо омор мардумро сер кунанд. Вале имрӯз бозор бозгӯкунандаи ҳақиқати ҳол аст. Мақомоти кишвар ҳамеша дар ростои болоравии дилхоҳ маҳсулоти ниёзи аввал бонг мезананд, ки захираҳои кофӣ мавҷуданд. Дар сурати болоравӣ маҳсулоти захираро ба фурӯш мебароранд, то нарх танзим шавад ва аҳолӣ дастрасӣ дошта бошанд. Аммо чаро дар болоравии якбораи нархи орд ин захираҳо нестанд, то мардум мувофиқ ба ҷайби худ харидорӣ кунанд?

Суол ба масъулини Вазорати кишоварзӣ: Агар мо имкони таъмини бозори худро бо маҳсулоти ғалладонагӣ надорем, чаро заминҳои Қазоқистону Русияро барои кишт иҷора намегирем, то бозори худро таъмин намоем? Ё зӯри мо фақат ба вайрон кардани замини кишти гандуму ба чои он шинонидани картошка мерасад?

Суол ба Хадамоти зиддиинҳисорӣ: Чанд корхона ба ворид кардани орду гандум ба Тоҷикистон машғуланд? Дар як соли охир онҳо дар алоҳидагӣ ба кадом миқдор орду ғалла ворид кардаанд?

Шояд Хадамоти зиддиинҳисорӣ бо сабабҳои зеҳнӣ аз додани посух худдорӣ кунад. Аммо ин талаби хонандагони "Тоҷикистон" аст, ки шаҳрвандони Тоҷикистонанд.

Мо интизори посух ҳастем!

НАРХИ МИЁНАИ 50 КГ ОРДИ НАВЪИ ЯКУМ ДАР ТОҶИКИСТОН ДАР 6 МОҲИ ОХИР




Усмон РАҲИМЗОДА,
rahimzoda@pressa.tj



Эълонҳои бештар дар
ARZON.TJ

# ГУРУСНА ҲЕҶ ГОҲ ШИКОЯТ НАМЕКУНАД

## Ё вақте тоҷиконро ғуломвор кор мефармоянд

**Соли гузашта қариб сад нафар тоҷикон барои кор ба шаҳри Қазони Ҷумҳурии Тотористон омада, дар ширкати сохтмонии туркон, ки “Умташ Иншаат” ном дошт, ба кор даромаданд. Лекин ширкат бо ягон нафари онҳо шартномаи меҳнатӣ набаст. Билохира, ин дарди сари муҳоҷирон шуд. Ман худ шоҳиди ин ҳодиса будам.**

Ҷавонони точик ҳам бепарво, бидуни хуччат машғули кор шуданд. Чанд моҳи аввал онҳо маошашонро дар вақташ гирифта, дигар дар бораи бастани шартнома умуман фикр намекарданд. Баъд аз 2-3 моҳ ширкат маоши коргарони точикро дертар медодагӣ шуд. Пас аз шаш-ҳафт моҳ бошад, коргарон барои маош аз қафои корфармоён давида мегаштагӣ шуданд. Сарварони ширкат пул додан ҳам намехостанд. Зеро медонистанд, ки гурусна хеҷ гоҳ шикоят намекунад. Агар шикоят кунад, ӯро зуд ронда, ба ҷояш нафари дигареро ба кор қабул намудан мумкин аст. Роҳбарони ширкат хуб медонистанд, ки ба ҷои ҳар як точики рондаашон даҳ точики дигар меёбанд, ки онҳо ҳам бе талаби шартномаву ҳаққу ҳуқуқи худ ба ҳама гуна кори вазнин розӣ мешаванд.

Ширкати сохтмонии “Умташ Иншаат” соли 1997 дар шаҳри Қазон таъсис дода шудааст. Дар он мутахассисони турк якҷоя бо муҳоҷирони точик кор мекарданд. Соли гузашта, моҳи сентябр аз раёсати корҳои дохилии Тотористон барои тафтиш ба ин ширкат омаданд. Маълум гардид, ки точикон дар ин ширкат ғуломвор, бидуни ҳуччат кор мекарданд.

Соли гузашта ширкат сохтмони коттеҷҳои зиёдеро ба уҳда гирифт. Барои иҷро намудани ин фармоиш қариб сад нафар ҷавони точик ба Тотористон омаданд. Бале, ҷавонони тоҷик меҳнаткаринанд. Бо дастони пурэъҷози онхо дар хиёбони Ғалабаи шахри Қазон бинои 9-ошёнае бунёд ёфт, ки бо зебоии худ назари ҳар бинандаро ба худ мекашад. Дар сохтмони ин бино бори аввал туркон маоши коргаронро баланд бардоштанд. Тӯли моҳҳои тобистон бинокрон маошашонро гирифтанд. Лекин фасли зимистон расиду ширкат додани маоши коргаронашро фаромӯш кард. Ҷавонон то фасли баҳор бо умед интизорӣ кашиданд, вале бенатиҷа. Моҳи май туркон аз баҳри точикон гузаштанд. Ҷавонони ҳайрону рахгумзада барои маоши худ ба ширкат омаданд, вале касе ба онхо эътиборе надод. Онхо ба касе ҳам арзу шикоят бурда наметавонистанд, зеро шартномаи меҳнатӣ надоштанд.



Пас аз тафтиши дуюм, ки дар ширкат гузаронида шуд, ғайр аз 18 нафар дигар ҳама корро дар ин ширкат қатъ намуданд. Касе намехост ғуломи халқабаргӯш гардад ва бе музду маош кор кунад. Баръакс, чанд нафаре пайдо гаштанд, ки ба органҳои ҳифзи ҳуқуқ ариза навишта, ҳаққи худро аз ширкат талаб намуданд. Тафтиш нишон дод, ки бо ягон коргари ҳориҷӣ ширкат шартномае набаста ва дар ҳуччатҳо номи касеро сабт накардааст. Дар ҷараёни тафтишҳо роҳбарони ширкат як-як Тотористонро тарк намуда, ба Туркия баргаштанд. Шояд имрӯз онҳо аз ҳисоби ҷавонони точик қасру коххо бунёд мекунанд, зеро ҷавонони точик саводи ҳуқуқӣ надоранду ҳаққи хешро талаб намуда ҳам наметавонанд.

Бо нақли ин ҳодисаҳо ман аз ҳамаи ҳамимлатонам хоҳиш менамоям, ки ҳушёр бошанд, фирефта нагарданд, ба касе бовар накунанду қонунро хуб омӯзанд.

**Сайвалӣ ШЕРАЛИЗОДА, сокини шаҳри Душанбе**



# БОНУИ ТОҶИК АЗ ЛАҲИСТОН БО МЕДАЛИ ТИЛЛО ВА ҶОИЗАИ ЭРОН БАРГАШТ

**Мавлуда Давлатмамадова, ихтироъкор ва устоди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар Форуми байналмилалии Лаҳистон соҳиби медали тилло шуд.**

Форум рӯзҳои 11 ба 12-уми майи соли равон дар шаҳри Катовитсаи кишвари Лаҳистон байни 50 давлати дунё ва бо иштироки 150 нафар ихтироъкор баргузор шудааст.

“Бо дастгирии ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, профессор Қобилчон Хушвахтзода муаллима Мавлуда Давлатмамадова бо ихтироъи худ дар форуми мазкур иштирок намуд. Муаллима дар баробари медали тилло медали давлати Фаронса ва Ҷоизаи махсуси Ҷумҳурии исломии Эронро дар ин форум соҳиб шуд”,- иттилоъ доданд аз ДМТ ба Pressa.tj.

Гуфта мешавад, ки Мавлуда Давлатмамадова номзади илмҳои техникӣ ва устоди кафедраи химияи татбиқии факултети химияи ДМТ мебошад.

Мавлуда Давлатмамадова, бонуи ихтироъкор соли 2019 низ дар Куриёи Ҷанубӣ байни 28 давлати ҷаҳон соҳиби ду медали тилло гашта буд. Ӯ зодаи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон буда, факултаи кимиёи Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро хатм кардааст. Баъди хатми донишгоҳ ба ҳайси ассистенти кафедраи кимиё ба донишҷӯён дарс гуфта, баъдан дар Маркази илмӣ-тадқиқотии фарматсевтии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии ҶТ ҳамчун ходими илмӣ фаъолиятро оғоз намудааст.

Мавлуда Давлатмамадова зимни як суҳбат бо Pressa.tj гуфта буд: «Баъди захмати даҳсола рисолаи илмиамро ҳимоя кардам. Ихтирои ман хокае мебошад, ки барои кӯдакон истифода мебаранд. Вақте кори худро ба Маркази патенту иттилоот пешниҳод кардам, соҳиби патент гардидам. Ҳамаи кор мушкилӣ дорад ва бо дастгирии пайвандонам то имрӯз корҳои илмиамро давом дода истодаам. Устодоне, ки бо онҳо корҳои илмиамро пеш мебарам, доктори илмҳои тиб, профессор Ҷамолиддин Юсуфӣ, доктори илмҳои техникӣ, профессор Ҷӯра Рӯзиев мебошанд».

# ШЕЪРҲОИ ЧОПНАШУДАИ ЛОИҚ

**Устод Лоиқ Шералӣ, бидуни тардид, яке аз шоирони бузурги сад соли охири адабиёти форсӣ-тоҷикӣ аст. Касе аз шоирони муосири тоҷик монанди эшон маъруфият ва маҳбубият надорад. Бинобар ин, таваҷҷуҳ ба шахсият ва шеъри ин шоири бузург дар Тоҷикистон ва ҷаҳони форсизабон зиёд аст. Далели таълифи даҳҳо китоб ва садҳо мақола оид ба ҳаёт ва эҷодиёти шоир низ ҳамин аст.**



Яке аз масъалаҳое, ки дар лоиқшиносӣ муҳим арзёбӣ мешавад, нашри комили осори шоир мебошад. Хушбахтона, аз соли 2001 ба ин ҷониб дар ин замина корҳои шоиста сурат гирифтанд. Ҷилди аввали “Куллиёт”-и Лоиқ, ки иборат аз ашъори шоир аст, дар ду китоб, дар шаҳри Хуҷанд чоп шуд. Баъдан, нашри дуюми он дар Теҳрон (1383) ба алифбои форсӣ анҷом ёфт. Нашри сеюми ин китоб дар як ҷилд соли 2008 аз тарафи нашриёти “Адиб” дастраси алоқамандон гардид.

Аммо алоқамандони осори Лоиқ хуб бохабаранд, ки мероси гаронбаҳои ӯ танҳо аз шеър иборат нест. Устод ҳамчунин тарҷумаҳои манзуму мансур, мақолаву гузоришҳо, тақризу мусоҳибаҳои фаровон ва арзишманде дар бораи адабиёт, забон, фарҳанг, таърих, мавзуҳои доғи рӯз, намояндагони ҷудогонаи илму адаб, асарҳои алоҳида ва ғайра дорад, ки мутаассифона, гирд оварда нашудаанд. Ҳамин аст, ки нашри “Куллиёт”-и шоир идома пайдо накард.

Илова бар ин, дар мавриди шеърҳои чопнашудаи устод Лоиқ низ ҳарфҳои зиёде ҳаст. Гӯё чандин дафтари ашъори шоир бо сабабҳои мухталиф ҳанӯз рӯйи чопро надидаанд. Табиист, ки атрофи номи ашхоси маъруф овозаҳо пахн мешаванд. Овозаҳо дар мавриди “дафтарҳои шеъри Лоиқ” низ, чун овозаҳои “Девони Рӯдакӣ” усутурамонанд шудаанд. Вале, дақиқ аст, ки шеърҳои парокандаи шоир, ки шомили куллиёт нагардидаанд, дар дасти дӯстону пайвандон, дар ҳошияи китобҳо боқӣ мондаанд. Оҳиста-оҳиста пайдо ва нашр кардани ашъори парокандаи шоир ба манфиат хоҳад буд, зеро онҳо барои шинохти бештари устод Лоиқ мусоидат хоҳанд кард.

Банда ҳамчун ихлосманди устод Лоиқ мекӯшам, ки ба ҳар он чизе, ки дар бораи шахсият ва шеъри эшон нашр мешавад, дастрасӣ пайдо кунам, то чаҳони шоири махбубамро бештар кашф намоям. Ҳамин алоқамандӣ сабаб шуд, ки доир ба устод Лоиқ маводи зиёде гирд оварам.

Ба наздикӣ ба дастам як сабти нодир афтод. Ин сабт, ки аз архиви шодравон Мухиддин Олимпур аст, аз як зиёфате мебошад, ки ба муносибати ташрифи сарояндаи номдори эронӣ Саттор ороста гардидааст. Замони сабт 14-уми январи соли 1995. Дар ин маҳфил устод Лоиқ, Саттор, Мухиддин Олимпур, Содики Сабо (хабарнигори вақти бахши форсии BBC), Заур Дахте, Ҳамза Камол хузур доранд. Саттор дар ин махфил яке аз ғазалҳои машҳури устод Лоиқро бо номи "Бо ҳамаи хандаи ночур дилам месӯзад" бадоҳатан мехонад. Бо хоҳиши Мухиддин Олимпур устод Лоиқ низ чанд шеър қироат мекунанд, ки писанди ҳамагон мешавад. Дилгармӣ ба шеъри устодро дарк карда, Олимпур аз устод хоҳиш мекунад: “Аз шеърҳои нав ва чопнашудаатон бихонед”. Устод Лоиқ чанд дубайтӣ мехонад. Аз миёни ин се дубайтӣ шомили “Куллиёт” нашуда, эхтимол ҷое нашр нашудааст. Ин дубайтиҳоро дар рӯзи зодрӯзи устод пешкаши алоқмандони осораш мекунам:

*Имшаб ки дар ин базм*
*ҳама якҷоем,*
*Аз суҳбати ҳамдигар*
*даме осоем.*
*Ҷамъияти ин базм*
*ғанимат шумарем,*
*То боз кӣ донад, ки куҷо*
*ҷамъ оем?*

***

*Донӣ, ки Худо чаро туро*
*дода ду даст,*
*Донам, ки дар ин муъҷиза*
*асроре ҳаст.*
*Як даст ба кори*
*хештан пардозӣ,*
*Бо дасти дигар зи дигарон*
*гирӣ даст!*

***

*Дар шаҳри шумо панира*
*тар мефрӯшанд,*
*Золимдухтаро бӯса ба*
*зар мефрӯшанд.*
*Дар хок равад*
*муфлисию нодорӣ,*
*Ҳамсоя манам, ҷойи*
*дигар мефрӯшанд.*

**О. НОЗИР**

**Ноҳияи Муъминобод яке аз ноҳияҳои сайёҳии Тоҷикистон семоҳаи аввали имсолро бо нишондодҳои мусбат ҷамъбаст намуд. Зимнан, бояд зикр намоем, ки соҳаи маориф дар ин ноҳия дар семоҳаи гузашта нақши меҳварӣ доштааст.**

# МУЪМИНОБОД

## Аз рушди назарраси маориф то кишоварзиву сайёҳӣ



*Шарифзода Лутфия Шариф - раиси ноҳияи Муъминобод*

### Маориф афзалиятнок аст

Дар ноҳияи Муъминобод 47 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ, 8 муассисаи таҳсилоти умумии асосӣ, 1 муассисаи таҳсилоти ибтидоӣ, 2 гимназия, 1 мактаб-интернати ятимон ва бепарасторон, 3 муассисаи томактабӣ, маркази технологияи информатсионӣ ва коммуникатсионӣ, Муассисаи таҳсилоти иловагӣ, Маркази дарёфт ва рушди истеъдодҳо, дар маҷмӯъ 65 муассисаи таълимӣ ва 55 Марказҳои инкишофи кӯдак фаъолият доранд.

Дар соли ҷорӣ теъдоди омӯзгорон ба 1664 нафар расидааст, ки аз онҳо 685 нафарашонро занҳо ташкил медиҳанд.

Дар олимпиадаҳои фаннӣ хонандагони муассисаҳои таълимии ноҳия дар сатҳи вилоятӣ 60 медал, аз ҷумла 15 медали тилло, 12 медали нуқра, 38 медали биринҷӣ ва 38 ҷойи ифтихориро сазовор гардидаанд.



*Саидмуҳаммад ИБРОИМОВ, мудири шуъбаи маорифи ноҳияи Муъминобод*

Аз шумораи 4 нафар хонандагони муассисаҳои таълимии ноҳия ба олимпиадаи ҷумҳуриявӣ, ки аз фанҳои дақиқ роххат гирифтаанд, Хошифзода Муҳаммадҷони Диловар - хонандаи синфи 11-и муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №10 аз фанни математика сазовори ҷойи якум ва соҳиби медали тилло гардидааст. Саидзода Робиямо Ҷумамурод - хонандаи синфи 11-и муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №9 аз фанни химия сазовори ҷойи ифтихорӣ дар ҷумҳурӣ гардида, бароии олимпиада аз фанҳои гуманитарӣ хонандагон омодагии ҷиддӣ дида истодаанд.

Бино ба иттилои мудири шуъбаи маорифи ноҳияи Муъминобод Саидмуҳаммад Иброимов, фаъолияти ҳамаи муассисаҳои таълимии ноҳия қаноатбахш буда, аз ҳисоби муассисаҳои иловагӣ Расулов Маҷид дар озмуни "Роҳбари маҳфили беҳтарин" дар вилоят соҳиби ҷойи 1-ум гардидааст. Инчунин, Муассисаи таҳсилоти иловагии ноҳияи Муъминобод дар озмуни "Чароғаки роҳнамо" ғолиб омадааст.

Тавре мудири шуъбаи маориф иттилоъ дод, айни замон дар ноҳия сохтмони 7 муассисаи таълимӣ - №5, 7, 10, 12, 33, 37 ва 54 идома дорад. "МТМУ №12 аз ҳисоби соҳибкори ватанӣ барои 360 хонанда дар як баст то оғози соли нави хониш пурра ба истифода дода мешавад. Инчунин, то оғози соли хониши 2022-23-юм 4 синфхонаи иловагӣ бо ташаббуси мудири шуъбаи маориф сохта ба истифода дода мешаванд",- мегӯяд ӯ.

### Рушди иқтисодӣ

Бо мақсади таъмини рушди иқтисодӣ дар семоҳаи соли 2022 мардуми шарафманди ноҳия аз имконияту захираҳои дохилӣ истифода намуда, нақшаи даромади буҷети маҳаллиро 100,6 фоиз таъмин намудаанд, ки нисбати нақшаи пешбинишуда 22 ҳазору 449 сомонӣ ва нисбати ҳамин давраи соли гузашта 67 ҳазору 96 сомонӣ зиёд аст.

Корхонаҳои саноатӣ дар якҷоягӣ бо бахши хусусӣ истеҳсоли маҳсулоти саноатиро ба 9 миллиону 469 ҳазору 500 сомонӣ расонидаанд, ки нисбати ҳамин давраи соли гузашта 125,8 фоиз зиёд мебошад. Дар ҳамин давра истеҳсоли маҳсулоти саноатиро ҷамъиятҳои дорои масъулияташон маҳдуди «Дуоб-Р» - 4,9 тонна маҳсулоти ширӣ, «Шифо-ҷой» - 7350 дона куттии шифоҷой, «Мурғи Муъминобод» истеҳсоли гӯшти парҳезиро ба 187,5 тонна, «Заркорон» истеҳсоли консерваҳои меваю сабзавотро ба 540 ҳазор куттии шартӣ расонидаанд.

### Соҳаи кишоварзӣ

Соҳаи кишоварзӣ яке аз соҳаҳои муҳим ба ҳисоб рафта, дар таъмини амнияти озуқаворӣ ноҳияи Муъминобод саҳмгузор мебошад. Дар натиҷаи тадбирҳои андешидашуда тараққиёти вокеии ҳаҷми маҷмуи маҳсулоти кишоварзӣ таъмин гардида, дар се моҳи соли ҷорӣ дар ҳамаи бахшҳои хоҷагидорӣ ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот ба 40 миллиону 184 ҳазору 100 сомонӣ расонида шудааст, ки нисбати ҳамин давраи соли гузашта 2 миллиону 426 ҳазору 500 сомонӣ зиёд, ба 103,7 баробар аст. Ин ба соҳаи растанипарварӣ 128 ҳазор ва ба соҳаи чорводорӣ 40 миллиону 56 ҳазору 100 сомонӣ рост меояд.

### Корҳои назаррас дар самти тандурустӣ

Дар ноҳияи Муъминобод 3 беморхона, аз ҷумла 1 беморхонаи марказӣ, 2 беморхонаи рақамӣ, 1 Маркази назорати давлатии санитарию эпидемиологӣ, 1 Маркази саломатии ноҳиявӣ, 21 Марказҳои саломатии деҳотӣ, 32 бунгоҳи тиббӣ, 6 Марказҳои соҳавӣ ва 1 шуъбаи дезинфексионӣ фаъолият доранд. Ба аҳолӣ 65 нафар духтурон, 708 нафар кормандони миёнаи тиб хизмати тиббӣ мерасонанд.

Маркази назорати давлатии санитарию эпидемиологии ноҳия бахри таъмини амнияти санитарию эпидемиологии аҳолӣ корҳои назаррасеро ба анҷом расонидааст. Мутахассисони Марказ дар асоси нақшаи корӣ ва талаботҳои моддаи 110-и Кодекси тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъмини амнияти санитарию эпидемиологии аҳолӣ» ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санҷиши фаъолиятҳои субектҳои хоҷагидор» аз болои нуқтаҳои тахти назоратбуда санҷишҳои санитарӣ бурда истодаанд.

### Даъват ба сафи Артиши миллӣ

Бо мақсади амалигардонии Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4-уми марти соли 2022, №352 "Дар бораи ба эҳтиёт рухсат намудани хизматчиёни ҳарбие, ки мӯҳлати муқарраргардидаи хизмати ҳарбиро адо намудаанд ва даъвати навбатии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон солҳои таваллуди 1995-2004 ба хизмати ҳарбӣ" дар ноҳияи Муъминобод нақшаи чорабиниҳо дар ин самт таҳия гардида, бо комиссариати ҳарбӣ ва ҷамоатҳои шаҳраку деҳоти ноҳия барои иҷро ирсол гардидааст.

Дар натиҷаи ба роҳ мондани корҳои фаҳмондадиҳӣ бо падару модарон ва даъватшавандагон нақшаи даъвати баҳорӣ, ки 105 нафарро ташкил медод, пеш аз мӯҳлат, 5-уми майи соли 2022 ба иҷро расонида шуд. Зимнан, бояд хотирнишон сохт, ки фарзанди муовини раиси ноҳия Сомони Абдураҳими Зарифӣ ариза навишта, ихтиёран ба сафи Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон пайваста, айни замон дар қисми ҳарбии 13-483-и Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон вокеъ дар ноҳияи Восеъ хизмати Ватан-Модарро адо карда истодааст.

### Корҳои ободонӣ

Ободу зебо нигоҳ доштани кӯчаю хиёбонҳои маркази ноҳия аз меҳнати самараноки кормандони корхонаи давлатии фаръии «Хоҷагии манзилию коммуналӣ» вобастагии калон дорад. Дар ин корхона бахри иҷрои корҳои ободонӣ, тозагии марказ ва даромадгоҳи ноҳия 45 нафар кормандон машғули кор мебошанд, ки 26 нафарашонро занҳо ташкил менамоянд.

Дар ҳамин давра 460 метри мукааб партовҳо кашонида шудааст, ки 377 мукааб ба соҳаи ободонӣ, 36 метри мукааб ба соҳаи хусусӣ ва 47 метри мукааб ба ташкилоту муассисаҳо рост меояд. Хизматрасонӣ дар корхона тибқи талаботи шартномабандӣ ба роҳ монда шуда, 14616 адад шартнома баста шудааст. Бо мақсади ободу зебо гардонидани кӯчаҳои маркази ноҳия 200 бех ниҳолҳои ороишӣ, 1250 бех гули садбарг, 18000 бех гулҳои мавсимӣ ва 1800 адад гулҳои лола шинонида шудааст.

### Сайёҳӣ рушд мекунад

Рушди соҳаи сайёҳӣ самти афзалиятноки сиёсати давлатӣ ба ҳисоб рафта, ҷиҳати боз ҳам тараққӣ додани он як қатор имтиёзҳо пешбинӣ гардидаанд.

То имрӯз дар ноҳия харитаи сайёҳӣ, 2 лавҳаҳои ахборотдиҳӣ, як маркази иттилоотии сайёҳӣ, 2 тарабхона, 3 марказҳои хизматрасонии бонкӣ ва банкоматҳо, 2 ширкати сайёҳӣ ва дигар имкониятҳои сайёҳӣ дар хизмати сайёҳон қарор доранд, ки нисбати ҳамин давраи соли гузашта имкониятҳои сайёҳии сохташуда ба маротиб зиёд мебошанд. Дар давраи ҳисоботӣ 4853 нафар сайёҳон аз мавзеъҳои нодири ноҳия дидан намудаанд, ки 23 нафарашонро сайёҳони хориҷӣ ташкил медиҳанд.

Сайёҳон имкон доранд аз Қалъаи Муъминобод, ки ёдгории беназир маҳсуб меёбад, дидан намоянд. Инчунин мавзеъҳои истироҳативу таърихӣ, аз қабили Қалъаи Мир, маркази сайёҳии кӯҳистони Чилдухтарон, зиёратгоҳи мақбараи Шоҳи Хомӯш, мақбараи Мир Саид Ҷалолиддини Гулдаста, мақбараи Хоҷаи Нур, хонамузеи Соҳиб Табаров ва осоишгоҳу дигар ёдгориҳои таърихӣ барои сайёҳону меҳмонон тамошогоҳу истироҳатгоҳҳои аъло буда метавонанд.

Раиси ноҳияи Муъминобод Шарифзода Лутфия Шариф мутмаин аст, ки барои сазовор таҷлил намудани санаҳои муҳими оянда аз ҳамаи имкониятҳо самаранок истифода намуда, ҳама якҷову содиқона ва софдилона заҳмат кашида, бахри ободу зебо гардонидани Ватани азизамон ва пешрафти ноҳия саҳми арзандаи худро мегузоранд.

**Исматулло СОБИРӢ**





## Деваштич:

# ТАМОМИ НЕРӮ БА САМАРАНОКИИ

**ДЕВАШТИЧ ЯКЕ АЗ НОҲИЯҲОИ ПЕШРАФТАИ КИШВАР ДАР ВИЛОЯТИ СУҒД АСТ, КИ СОЛ БА СОЛ БО НАТИҶАҲОИ НАЗАРРАСИ РУШДИ ИҶТИМОИВУ ИҚТИСОДИИ ХУД НАМУНА БАРОИ БИСЁР ДИГАР НОҲИЯҲО МЕГАРДАД.**



*Ашуралӣ ҶАЛИЛЗОДА - раиси ноҳияи Деваштич*

**«ДАР ДАВРАИ ҶАМЪБАСТӢ АЗ ҶОНИБИ БОНКҲОИ ДАВЛАТӢ, ТИҶОРАТӢ ВА ТАШКИЛОТИ ХУРДИ ҚАРЗДИҲӢ БА ФАЪОЛИЯТИ СОҲИБКОРИИ НОҲИЯ 37 МЛН 247 ҲАЗОР СОМОНӢ РАВОНА КАРДА ШУДААСТ, КИ НИСБАТ БА ҲАМИН ДАВРАИ СОЛИ 2021-УМ 9 МЛН 109 ҲАЗОР СОМОНӢ ВА Ё 32 ФОИЗ ЗИЁД ГАРДИДААСТ.**

### Иҷроиши буҷет

Накшаи даромадҳои буҷети ноҳия бо дарназардошти андози иҷтимоии ғайрибуҷетӣ 11 млн 858 ҳазор сомонӣ ворид гардидааст, ки 107 фоизро ташкил медиҳад. Яъне ба ҷойи 11 млн 858 ҳазор сомонии накшавӣ 11 млн 866 ҳазор сомонӣ ворид шудааст, ки 100,1 фоизро ташкил менамояд. Қарздорӣ аз пардохти музди меҳнат ба ҳолати 1-уми апрели соли 2022 вуҷуд надорад.

Дар семоҳаи якуми соли 2022 аз тарафи бонкҳо ва дигар ташкилотҳои қарзӣ ба маблағи 37 млн 242 ҳазор сомонӣ қарзҳои хурд дода шудаанд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2021-ум 9 млн 109 ҳазор сомонӣ зиёд мебошад.

### Соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ

Тибқи маълумоти Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, тарики «Равзанаи ягона» дар семоҳаи якуми соли 2022 дар микёси ноҳия 4248 адад субъектҳои соҳибкорӣ ба қайд гирифта шуда, ин нишондод нисбат ба ҳамин давраи соли 2021-ум 46 адад ва ё 101,1 фоиз зиёд гардидааст.

Тибқи маълумоти Бонки миллии Тоҷикистон, дар давраи ҷамъбастӣ аз ҷониби бонкҳои давлатӣ, тиҷоратӣ ва ташкилоти хурди қарздиҳӣ ба фаъолияти соҳибкории ноҳия 37млн 247 ҳазор сомонӣ равона карда шудааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2021-ум 9 млн 109 ҳазор сомонӣ ва ё 32 фоиз зиёд гардидааст.

### Татбиқи лоиҳаҳои инвеститсионӣ

Барномаи рушди иқтисодию иҷтимоии ноҳияи Деваштич барои солҳои 2021-2025" бо қарори Маҷлиси вакилони ноҳия аз 19.10.2020, №3/8 тасдиқ гардидааст. Ба Барнома дар маҷмуъ 86 адад лоиҳа ворид гардидааст ва маблағи он 328376 ҳазор сомониро ташкил медиҳад.

Барои солҳои 2021-2025 дар барнома амалишавии 86 лоиҳа ба маблағи 328375 ҳазор сомонӣ пешбинӣ гардида, мувофиқи соҳаҳои хоҷагии халқ чунин мебошад: соҳаи блоки иқтисодӣ 26 лоиҳа ба маблағи 103996 ҳазор сомонӣ, соҳаи блоки иҷтимоӣ 29 лоиҳа ба маблағи 112241 ҳазор сомонӣ, соҳаи инфрасохтор 30 лоиҳа ба маблағи 111638 ҳазор сомонӣ, соҳаи ҳолатҳои фавқулодда 1 лоиҳа ба маблағи 500 ҳазор сомонӣ.

Иҷроиши барнома дар соли 2021 ва семоҳаи якуми соли 2022-юм 64,9 фоиз таъмин карда шуда, ба ҷои 50,7 млн сомонии накшавии соли 2021 иҷроиш 32,9 млн сомониро ташкил медиҳад.

### Кишоварзӣ ва истифодабарии замин



*Мирзо МИРЗОЕВ, сардори раёсати кишоварзии ноҳия*

Дар ноҳия дар семоҳаи якуми соли 2022 кишти зироатҳои кишоварзӣ дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ дар майдони 15358 га гузаронида шудааст, ки нисбат ба соли 2021-ум 268 га зиёд мебошад. Аз кишти гузаронидашуда 14330 га ғалладонагиҳо, аз ин гандум 3030 га, ҷуворимакка барои дон 11 га, лӯбиёгиҳо 36 га, зироатҳои равғандиҳ 412 га, картошка 205 га, сабзавот 211 га, полезӣ 5 га, зироатҳои хӯроки чорво 164 гектарро ташкил менамояд.

Дар хоҷагиҳои кишоварзӣ дар майдони 15358 га кишти баҳорӣ гузаронида шуда, 102 фоизи нақшаро ташкил медиҳад ва нисбати соли 2020-ум 268 га зиёд мебошад.

Дар ноҳия дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ ҳаҷми истеҳсоли гӯшт 634 тонна - 100,2 фоиз, шир 4288 тонна - 100,3 фоиз, тухм 1 млн 346 ҳазор дона - 130 фоиз таъмин гардидааст.

Дар семоҳаи якуми соли 2022 тибқи Барномаи рушди соҳаи картошкапарварӣ дар майдони 205 га кишти картошка гузаронида шуда, нисбат ба ҳамин давраи соли 2021-ум 15 га зиёд мебошад ва дар ин самт кишт давом дорад.

Дар семоҳаи якуми соли 2022-юм 91,8 га боғу токзори нав бунёд гардида, нисбат ба ҳамин давраи соли 2021-ум 3,5 га зиёд мебошад.

### Саноат ва энергетика

Корхонаҳои саноатии ноҳия 15 ададро ташкил дода, корхонаҳои навтаъсис дар ин давра мавҷуд набуда, дар семоҳаи якуми соли 2022 ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатиро ба маблағи 10 млн 893 ҳазор сомонӣ таъмин намудаанд, ки нисбати ҳамин давраи соли 2021-ум 51,8 ҳазор сомонӣ зиёд буда, 100,5 фоизро ташкил медиҳад.

«Шабакаҳои баркии ноҳия» дар семоҳаи якуми соли 2022 ба корхонаю ташкилот ва аҳолӣ ба маблағи 5 млн 633 ҳазор сомонӣ, аз он ҷумла ба аҳолӣ ба маблағи 3 млн 820 ҳазор сомонӣ барқ интиқол намуда, пардохти он ба 5 млн 282 ҳазор сомонӣ ё 93,8 фоиз баробар буда, ба ташкилоту корхонаҳо ба маблағи 1 млн 813 ҳазор сомонӣ барқ интиқол гардида, пардохти он 1 млн 742 ҳазор сомонӣ ё 96,1 фоизро ташкил менамояд.

### Сохтмон, меъморӣ ва нақлиёт

Дар семоҳаи якуми соли 2022-юм 449 метри мураббаъ манзили истиқоматӣ ба истифода дода шуда, дар ин давра ба маблағи 6 млн 138 ҳазор сомонӣ фондҳои асосӣ ба кор андохта шудааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2021-ум 4 млн 766 ҳазор сомонӣ зиёд буда, 4,5 баробарро ташкил менамояд.

Дар ноҳия 2 адад муассисаи нақлиёти автомобилӣ ба аҳолӣ хизмат мерасонанд. Дар семоҳаи якуми соли 2022 ҳаҷми боркашонӣ 507 ҳазору 200 тоннаро ташкил дода, нисбат ба ҳамин давраи соли 2021-ум 56,2 ҳазор тонна зиёд гардидааст. Ҳаҷми мусофиркашонӣ 228 ҳазору 700 мусофирро ташкил намудааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 5,1 ҳазор нафар зиёд мебошад.

### Рушди соҳаи маориф



*Ботур РАСУЛОВ, мудири шуъбаи маорифи ноҳия*

Дар ноҳия 8 муассисаи таҳсилоти томактабӣ бо фарогирии 1354 кӯдак фаъолият менамоянд. Дар муассисаҳои томактабӣ 125 мураббияҳо, аз ин бо таҳсилоти олӣ 60 нафар, олии нопурра 4 нафар, таҳсилоти миёнаи касбӣ 61 нафар фаъолият доранд.

Дар ноҳия 68 муассисаи

# МЕҲНАТ РАВОНА ГАРДИДААСТ

таҳсилоти умумӣ, аз ҷумла 3 гимназия ва 65 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ бо фарогирии 39888 хонанда, аз ҷумла 19554 духтарон ба таълиму тарбия фаро гирифта шудаанд.

Дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ 2769 нафар омӯзгорон (1282 занон), аз ин бо таҳсилоти олӣ 2416 нафар, олии нопурра 87 нафар, таҳсилоти миёнаи касбӣ 266 нафар фаъолият менамоянд.

Соли таҳсили 2020-2021 синфи 11-ро 2441 нафар хатм намуда, 1103 нафар тариқи Маркази миллии тестӣ ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ, 17 нафар тариқи квотаи Президентӣ ба донишгоҳҳо дохил гардидаанд.



**«АЗ 811 МУРОҶИАТИ ВОРИДГАРДИДА МУТОБИҚИ МОДДАИ 19-И ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН “ДАР БОРАИ МУРОҶИАТҲОИ ШАХСОНИ ВОҚЕӢ ВА ҲУҚУҚӢ” АЗ РӮЙИ ТОБЕИЯТ ДАР КУМИТАИ ИДОРАИ ЗАМИН 526 АДАД, БОҚИМОНДА 285 АДАД ДАР МАҚОМОТИ ДАХЛДОР, ШУЪБА ВА БАХШҲОИ МАҚОМОТИ ИҶРОИЯИ ҲОКИМИЯТИ ДАВЛАТИИ НОҲИЯ БАРРАСӢ ГАРДИДААНД.**

## Соҳаи тандурустӣ



*Каромат САИДОВА, менеҷери КАТС-и ноҳия*

Дар ноҳия 8 адад беморхона бо 650 адад кат, аз он ҷумла шуъбаҳои таваллудхона, ҷарроҳӣ, касалиҳои сироятӣ, кӯдакона, 20 адад марказҳои саломатӣ ва 20 адад бунгоҳҳои тиббӣ ба аҳолӣ хизмат мерасонанд.

Дар муассисаҳои табобатии ноҳия 176 нафар табибон (46 нафар занон) ва 874 нафар коркунони миёнаи тиб (805 нафар занон) фаъолият менамоянд.

## Фарҳанг, варзиш ва ҷавонону сайёҳӣ



*Маъмур САНГИНОВ, мудири бахши фарҳанг*

Дар ноҳия 26 китобхона бо фонди умумии зиёда аз 137557 нусха маҳсулоти чопӣ, аз ҷумла 1 китобхонаи бачагона, 1 китобхонаи марказӣ, 24 китобхонаи деҳотӣ, 5 хонаи фарҳангӣ ва қасри фарҳанг, 16 клуб, 1 боғи фарҳангӣ-фароғатӣ, ансамбли тарона ва рақс, ансамбли шашмақомхонон, театри халқӣ, ҳифзи ёдгориҳои таърихӣ фаъолият менамоянд.

Шумораи умумии ҷавонони ноҳия 57900 нафарро (аз он ҷумла 28900 нафар занон) ташкил менамоянд.

Дар ноҳия 59 нафар гирандагони стипендияи президентӣ ва 40 нафар гирандагони стипендияи раиси ноҳия мебошанд.

Дар ноҳия дар маҷмуъ 99 варзишгоҳу толорҳои варзишӣ, майдончаҳои варзишии дохили мактабҳо ва берун аз он фаъолият дошта, 472 нафар варзишгарон ба қайд гирифта шудаанд. Аз ноҳия 6 нафар варзишгарон дар чорабиниҳои сатҳи ҷумҳуриявӣ иштирок доштанд. Миқдори медалҳои ба даст овардаи варзишгарони ноҳия ҳамагӣ 44 адад буда, аз он 11 адад медали тилло, 16 адад медали нуқра ва 17 адад медали биринҷӣ мебошад.

Дар ноҳия вобаста ба рушди сайёҳӣ тадбирҳо андешида шуда, мавзеҳои сайёҳии “Чилдухтарон”-и деҳаи Метк, мақбараи Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ дар деҳаи Угуки ҷамоати деҳоти Ваҳдат, “Сари чашма”-и деҳаи Сурхобча, мақбараи Хоҷа Абӯтоҳир воқеъ дар деҳаи Хӯҷаҳои ҷамоати деҳоти Исмоили Сомонӣ, мавзеи “Шаршара”-и деҳаи Далёни Болои ҷамоати деҳоти Далёни Боло, майдони боғи фарҳангию фароғатии майдони парчам ва муҷассамаи “Деваштич” дар ҷамоати шаҳраки Ғончии ноҳия арзи вуҷуд доранд. Инчунин, барои фароғату истироҳати сайёҳон як адад меҳмонхонаи замонавӣ бунёд карда шудааст.

## Ҷамоати деҳоти Росровут пешрафта аст



*Раҳмон ШАРИФЗОДА, раиси ҷамоати деҳоти Росровут*

Яке аз ҷамоатҳои деҳоти пешрафтаи ноҳияи Деваштич ҷамоати деҳоти Росровут аст, ки сокинонаш бо меҳнатқаринӣ баҳри пешрафти ноҳия мекӯшанд. Раиси ҷамоати деҳоти Росровут Раҳмон Шарифзода мегӯяд, ки дар давраи семоҳаи аввали соли ҷорӣ ба онҳо 26 адад қарорҳои раиси ноҳия ворид гардида, дар асоси онҳо 15 адад карорҳои раиси ҷамоат ба тасвиб расидааст, ки зери назорат ва иҷроиш қарор доранд.

- Дар асоси нақшаи чорабиниҳои мақомоти худидора дар ҷамоат дар давоми семоҳаи аввали соли ҷорӣ 4 маротиба маҷлисҳои Шӯрои ҷамоат баргузор гардида, масъалаҳои ҳалталаби рӯз мавриди баррасӣ қарор дода шуда, қарорҳои қабулгардида баҳри иҷроиш ба шахсони мутасаддӣ фиристода шуданд,- мегӯяд ӯ.

## Муроҷиатҳои шаҳрвандон

Дар семоҳаи якуми соли 2022 ба мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия 811 муроҷиати хаттии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ворид гардидааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2021-ум 130 адад муроҷиат кам мебошад. Аз 811 муроҷиати воридгардида мутобиқи моддаи 19-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ” аз рӯйи тобеият дар кумитаи идораи замин 526 адад, боқимонда 285 адад дар мақомоти дахлдор, шуъба ва бахшҳои мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия баррасӣ гардидаанд, ки аз он 11 муроҷиат қонеъ, 3 рад, 123 фаҳмонида дода шуда, 148 муроҷиат мавриди баррасӣ қарор дорад.

Дар ин давра ба мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия 57 мактуб  аз Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 42 мактуб аз Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд ворид гардида, сари вакт баррасӣ ва ба муаллифон оид ба натиҷаи баррасӣ ахбороти хаттӣ ирсол карда шудааст.



Бино ба гуфтаи раиси ноҳияи Деваштич Ҷалилзода Ашуралӣ, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия айни замон тамоми нерӯ ва ғайраташро ба он равона кардааст, ки аҳли меҳнати ноҳияи Деваштич бо масъулияти баланд кор кунанд, самаранокии меҳнатро баланд намуда, ҷашну маросимҳои муҳимро бо дастовардҳои беназир истиқбол гиранд.

**Furthermore, Species:**

**Furthermore**

**Бобоҷони НЕЪМАТУЛЛО**



## Профессор Содиқӣ:

# МАРО ХАЙЁМ БА ТОҶИКИСТОН ОВАРД

**Ӯ дар нахустин ҷарроҳии дил дар Амрико иштирок дошт. Баъдан беш аз 10 000 ҷарроҳӣ, 80 пайванди дилро дар Аврупо анҷом дод. Тарҷумаи Умари Хайём ба 11 забон заҳмати қариб 30-солаи ӯст. Эмомалӣ Раҳмонро роҳбари ҳушманд медонад ва шеъре дар борааш гуфтааст.**



Рӯ ба рӯи мо марде қарор дорад, ки гумон доштам дар домони 70 аст. Аммо баъдтар мефаҳмам, ки 93-сола будааст.

- Ҷаноби Содиқӣ!,- ӯро муаррифӣ мекунад ба мо директори Бемористони Ибни Сино Абдухалил Холиқзода. Ва зимнан мегӯяд: "Таҷрибаи духтурии ин кас метавонад мактаби бузурге барои табибони Тоҷикистон бошад. Ҳамчунин, тарҷума ва нашри осори Умари Хайём ба 11 забон заҳмати эшон аст".

Доктор Содиқӣ китоби бо алифбои форсӣ хаккокишудаи Умари Хайёмро ҷонибам дароз мекунад. Баъдтар ӯ мегӯяд: "Падарбузургам дар рӯи харбузаю тарбузҳои полез машқи хат мекард".

Суҳбати мо дар арафаи Рӯзи Умари Хайём, ки ҳамасола 18-уми май таҷлил мешавад, дар толори Бемористони Ибни Сино сурат гирифт. "Маро Хайём соли 1998 бори аввал ба Тоҷикистон овард,- ба суҳбат оғоз мекунад, профессор Содиқӣ. - Мехостам тарҷумоне пайдо кунам, ки Хайёмро ба забони русӣ тарҷума кунад. Зеро дар Тоҷикитон дӯстоне доштам, ки русиро хуб медонанд. Бо профессор Парвона Ҷамшед дар ҳаммуаллифӣ китобчаеро ба чоп расонида будам".

Мехостам таъкид кунам, ки Умари Хайёмро ҳанӯз ибтидои асри 19 ба забони русӣ тарҷума карда буданд. Аз Василий Величко (1891) сар карда, то Державину Плисетскию Сетсилия Бону (ҳамсари устод Лоҳутӣ). Вале худдорӣ кардам.

> **ТАҚРИБАН 10 ҲАЗОР АМАЛИ ҶАРРОҲӢ КАРДАМ, АЗ 80 ПАЙВАНДИ ҚАЛБ (ПЕРЕСАДКА), КИ ДАР АМРИКО ВА АВРУПО АНҶОМ ДОДАМ, ТАНҲО ДАР 3 ҲОЛАТ НОБАРОР БУД...**



*Шариф Ҳамдампур ҳангоми суҳбат бо профессор Содиқӣ*

## Бозёфти Содиқӣ: Хайём нафари сеюм буд

**- Магар аз тарҷумаҳои русии Хайём хабар надоштед?**

- Хайёмро ба забонҳои фаронсавию инглисӣ ҳам қаблан тарҷума карда буданд. Бубинед, мо мисли Хайём шоире надорем. Барои Хайём шеър гуфтан мисли тафреҳ буд. Хайём ҳеҷ вақт даъвои шоирӣ ҳам намекард. Зеро он замон шоирон дарборӣ, маддоҳони шоҳон буданд. Бинобар ин, манзури Хайём баёни афкори фалсафӣ бо шеър буд. Ӯ рубоиёташ, ашъорашро пинҳон медошт. На ҳама рубоиҳо, ки аз номаш мегӯянд, мутааллиқ ба ӯст. Инглисҳо Хайёмро харгуна муаррифӣ кардаанд. Ба фикри аксари онҳо Хайём фақат бода менӯшиду ягон кори муҳимеро анҷом намедод. Дар ҳоле, ки Хайём як донишмани фавқулоддаи пуркоре буд. Мисли Хайём корҳои муҳимеро дар риёзиёт ва илми нуҷум касе накардааст. Ӯ шахсияти истисноӣ буд. Хайём ангушт гузоштааст руйи ду матлаб: яке маргу дигаре зиндагӣ. Ӯ ҳамеша гӯшзад мекард, ки аз зиндагӣ истифода баред, онро хуш гузаронед. Ман фалсафаи зиндагии Хайёмро дар як байтам чунин хулоса кардам:

*Зи хотир набар охирин лаҳзаро,*
*Ки то баҳра гирӣ зи ҳар лаҳзае.*

Одатан, рубоиёти Хайёмро адибон худашон интихоб ва нашр мекарданд. Мутаассифона, адибон роҷеъ ба уламо маълумоти кам доранд. Онҳое, ки уламоро хуб мешиносанд, ба адабиёт алоқамандии беш надоранд. Вале ман, чун табиб ҳардуро дӯст дорам, бинобар ин, тавонистам чизҳои ҷолиберо пайдо кунам.

Барои мисол, се рубой аз Хайём пайдо кардам, ки яке роҷеъ ба замон, дигаре пайдоиши коинот ва сеюмӣ ба манзумаи шамсӣ.

**Роҷеъ ба замон:**

*Давре, ки дар ӯ омадану рафтани мост,*
*Онро на бидоят, на ниҳоят пайдост.*
*Кас меназанад даме дар ин маънӣ рост,*
*К-ин омадан аз куҷову рафтан ба куҷост?*

Ман ҳам мисли мардум дар ибтидо ин мафҳумҳоро омадану рафтани худи мо фикр мекардам. Ин иштибоҳи комил аст. Ин ҷо Хайём роҷеъ ба замон ҳарф мезанад. Замоне, ки мо омада меравему охир надорад. Ҳеҷ кас гуфта наметавонад, ки замон аз куҷо ба куҷо меравад. Ин омадану рафтан як масъалаи илмӣ, моли замон аст, на моли мо. То ҳол намедонем, ки замон дақиқан кай шуруъ шуда ва кай тамом хоҳад шуд.

**Рубоии дигар роҷеъ ба пайдоиши кайҳон аст:**

*Ин баҳри вуҷуд омада берун зи нуҳуфт,*
*Кас нест, ки ин гавҳари таҳқиқ бисуфт.*
*Ҳар кас сухане аз сари савдо гуфтанд,*
*З-он руй, ки ҳаст, кас намедонад гуфт.*

**Рубоии сеюм манзумаи шамсист, ки Хайём 400 сол пеш аз Коперник гуфтааст:**

*Ин чархи фалак, ки мо дар ӯ ҳайронем,*
*Фонуси хаёл аз ӯ мисоле донем.*
*Хуршед чароғ дону олам фонус,*
*Мо чун суварем, к-андар ӯ гардонем.*

Мардум ҳатто намедонанд, ки фонуси хаёл чӣ мафҳумест. Фонуси хаёлро мардуми Чин қабл аз масеҳият ихтироъ карданд ва баъд аз 1300 сол омада буд ба замони Хайём. Хайём, ки бештар бо бузургони дарбор буд, онро дидааст. Ин як фонусе, ки дар васаташ як шамъе ва болои шамъ, байни ду аҳром як парвонае. Меҳвари парвона ба андозаи як доираи васеъ буд. Вақте ки шамъро рӯшан мекунем, он гардиш мекунад, чило медиҳад ва боис мешавад, ки парвона ҳаракат кунад. Аз ин доира ҳам муъҷизаҳои хеле зиёд ба вуҷуд меояд. Гов, шутур, асп, инсон, ҳатто мурғро овезон мекунанд. Вақте аз берун ба шамъ нигоҳ мекунед, мебинед, ки чӣ тавр онҳо меравонду меоянд.

Як олими ҳинд, ки ситорашинос ва риёзидони машҳур буд, бори аввал гуфта буд, ки замин гирди хуршед мегардад. Вақте ки Султон Маҳмуд Ҳиндро ғорат мекард, он замон донишмандонро бо худ мебурд, аз он ҷумла Абурайҳонӣ Берунирo низ бурда буд. Ин нуктаҳоро низ Абурайҳонӣ Берунӣ шарҳ додааст. Баъд аз бозгашт, шояд аз тарси муллоҳо бошад, ки ин ақидаро ба касе шарҳ надод. Хайём 100 сол баъд аз Абурайҳони Берунӣ ба ин мавзуъ даст задааст. Бинобар ин, ба ақидаи шахсии ман, се нафар пеш аз Коперник ин мавзуҳоро гуфтаанд, ки Хайём нафари сеюм аст.

## Як камон сад тирро дар хок пинҳон мекунад

**- Ҷаноби профессор, шуморо чӣ водор сохт, ки рӯй ба шинохти Хайём оред?**

- Замони мактабхонӣ, муҳассили донишгоҳ будан, бо шеъру шоирӣ алоқаи зич доштам. Ошиқи рубоиёти Хайём будам. Ман дар деҳе зода шудаам, ки дар наздикии Нишопур аст. Шояд ҳамин ҳам боис шуда бошад, ки ба хайёмшиносӣ даст занам. Замони дар бемористон кор кардан имкон надоштам, ки ба хайёмшиносӣ машғул шавам. Баъди бознишаста шудан, нахостам бекор нишинам. Ҳамин тавр, рӯй овардам ба Хайём.

**- Деҳае, ки ба дунё омадед, чӣ ном дошт?**

- Чакана.

**- То имрӯз рубоиёти Хайёмро бо чанд забон тарҷума кардед?**

- Бо ду забон - фаронсавӣ ва инглисӣ. Вале осори Хайёмро бо забонҳои мухталиф ба табъ расонидам. Чопи сеюми китоби Хайём, ки банда нашр кардам, ба 8 забон аст. Миёни тарҷумонҳо ду хонум ҳам ҳастанд - яке чинӣ ва дигаре ҷопонӣ. Хонум Сосокиро аз Ҷопон ба Шветсария даъват кардам. Омад ва як ҳафта бо ҳам 110 рубоии Хайёмро хондем, таҳлил кардем. Баъд аз ин ба Пекин рафтам. Дар он ҷо хонум Вонго, ки забони форсиро хуб медонист, Хайёмро ба забони чинӣ тарҷума кард. Ман ҳар мисраъро барояш шарҳ медодам, ӯ тарҷума мекард. Бо забони испанӣ низ як хонуме тарҷума кард. Ҳоло тасмим гирифтам, ки китоби навро ба чоп диҳам. Дар ин нашр рубоиҳои Хайём бо форсӣ, арабӣ ва фаронсавӣ низ чоп хоҳанд шуд.

**- Ҷаноби профессор, чӣ водор сохт, ки ба тарҷумаи рубоиҳое даст занед, ки қаблан тарҷума шудаанд?**

- Роҷеъ ба Хайём зиёд навиштаанду гуфтаанд, вале ҳанӯз ҳарфҳои ногуфта зиёд аст. Алии Даштӣ дар китобаш - "Даме бо Хайём" мегӯяд, ки мо аввал Хайёмро бояд шиносем ва баъдан роҷеъ ба рубоиҳояш сухан ронем. Мутаассифона, то имрӯз мо Хайёмро хуб нашинохтаем, ҳатто тарҷумаи дақиқи ҳоли ӯро надорем. Чун шахсияти Хайём бароям қобили эҳтиром аст, пажӯҳиши жарфи осори ӯро муҳим медонам. Банда саъй кардам, ки рубоиёти асили Хайёмро, ки ба андешаи ман шумораи онҳо ба 110 мерасад, таҳқиқ ва тарғиб намоям.

## Аз Чакана то Шветсария

**- Чӣ гуна шахсе аз Чакана, деҳи хурде, ки аз номаш бармеояд, тавонист Аврупоро тасхир кунад?**

- Одамони бузург, донишмандон аслан деҳотиянд. Абурайҳони Берунӣ, Абӯалӣ ибни Сино, Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ зодагони деҳоти кучаки музофоти Бухороянд.

Хишти аввалро барои ҷарроҳи қалб шудан падарбузурги деҳотиям гузошт. Ӯ инсони истисноӣ буд. Ба адабиёту шеъру шоирӣ алоқаи зиёд дошт. Як ҳодисаи аҷиберо бароятон нақл мекунам. Падарбузургам мерафт полизи харбузаҳо, он ҷо дар рӯйи тарбузу харбуза навиштанро машқ мекард. Ӯ таваҷҷуҳи хоса ба илм ва фарҳанг дошт. Падарам ҳам таҳсилдидаи дабистони деҳа аст. Дар омӯзишгоҳи Хуросон се сол таълим гирифт ва масъули бахши молия дар Чакана шуд. Дар Чакана соли 1906 бо ташаббуси падарам дабистон бунёд шуд. Баъдтар ман маълумот пайдо кардам, ки он нахустин дабистони давлатӣ дар Эрон будааст. Сарварии дабистонро падар бар дӯш дошт.

**- Магар таҳсил дар хориҷи Эрон кори дасти падарбузургатон буд?**

- Худо раҳмат кунад Ризошоҳи Паҳлавиро. Ӯ ҷавононро ба хориҷа мефиристод, то таҳсил кунанд ва баъдан барои хизмат ба ватан баргарданд. Ман баъд аз хатми омӯзишгоҳ Теҳрон рафта будам барои омодагӣ ба донишкадаи тиббӣ. Он вақт аз озмун бо сари баланд гузаштам ва маро насиб гардид, то донишҷӯйи донишкадаи тиббӣ гардам. Вале фикр намекардам, ки ғолиби озмун гардам. Фикр мекардам ин озмунҳо ҳама барои писарони вазиру сарватмандон аст. Падарам имконоти хуби молиро надошт, ки маро ба Аврупо ё Амрико барои таҳсил фиристад. Баъд аз 7 соли таҳсил дар донишкадаи тиббӣ мехостам тахассус гирам ва ният доштам, ки табиби гӯшу гулӯ шавам, вале ман ҷой пайдо накардам ва рафтам ба сӯйи ҷарроҳии умумӣ. Дар шуъбаи ҷарроҳии умумӣ ба як ҷарроҳи дил кумак мекардам. Ӯ маро зиёд ташвиқ кард, то он ҷо бимонам. Мардуми деҳот як расм доштанд: баъд аз хатми донишгоҳ ва гирифтани тахассус меомаданд ба деҳа ва онҷо кору фаъолият мекарданд. Соли 1964 ба Эрон омадам. Аммо ҷарроҳии қалб он қадар зиёд набуд. Баъд аз 6 моҳи соли 1964 бозгаштам ба Шветсария. То бознишастагӣ, соли 1996 дар Лозанна ҳамчун ҷарроҳ фаъолият кардам.

## Бо Булӯриён ифтихор дорам

**- Дар маҷмӯъ чанд ҷарроҳии дил анҷом додед?**

- Дақиқан гуфта наметавонам, вале тахминан 10 ҳазор. Дар ин давра шогирдони зиёде омода кардам. Онҳо дар Амрико, Фаронса, Шветсария, Юнон, Туркия ва кишварҳои зиёди дигар кор мекунанд. Соли 2010 бо даъвати Абдухалил Холиқзода ба Бемористони Ибни Сино омадам. Ӯ бароям тамоми имкониятҳоро фароҳам оварда буд. Чун ман бознишаста будаму шуғли хайёмшиносӣ доштам, нахостам дигарбора ба ҷарроҳии дил баргардам. Аз Эрон шогирдам Булӯриёнро хоҳиш кардам, то биёяд ба Тоҷикистон ва ба мардуми инҷо хизмат кунад.

Замоне ки ҷарроҳии қалби ман ба миён омад, аз Булӯриён хоҳиш кардам, ки ин корро анҷом диҳад. Ҷарроҳе дар сатҳи ӯ дар дунё ангуштшумор аст. Бо Булӯриён ифтихор дорам.

**- Аз 10 ҳазор ҷарроҳие, ки анҷом додед, кадоме нодир буд?**

- Албатта ҳар кадоме нодир буд. Аз 80 пайванди қалб (пересадка), ки дар Амрико ва Аврупо анҷом додам, танҳо 3 нафарашон фавтиданд. Ин натиҷаи хуб аст.

**- Чанд фарзанд доред?**

- Ду фарзанд, духтарам тарҷумон, панҷ забон медонад, писарам физик.

## Бардошт аз Тоҷикистон

**- Шумо ба Тоҷикистон зиёд сафар кардаед. Ҳоло онро чӣ гуна мебинед?**

*Туро Тоҷикистон*
*навиди диҳам,*
*Зи ман ин башорат ба*
*хотир супор.*
*Чу дорӣ ба батн*
*мардумони наҷиб,*
*Кунандат сарафроз*
*дар ин диёр.*
*Чу Раҳмон бувад*
*раҳбари ҳушманд,*
*Диҳад тоҷиконро*
*рифоҳу виқор.*
*Ки сармояат*
*раҳбару мардуманд,*
*На нафту на*
*кони фузунатшумор.*

**Суҳбатнигорон:**
**Шариф ҲАМДАМПУР**
**Уғулой ҚУТБИДДИНЗОДА**

Муъмин Қаноат:

# ҲОЮ ҲУЙИ МО БЕҲУДА!

## Се ҳушдори шоир дар мусоҳибаи охирин



**Устод Муъмин Қаноат, ки 4 сол қабл моро тарк карданд ва 20-уми майи соли равон 90-солагиашонро ҷашн мегирем, шукуҳи адабиёти муосири тоҷик буданд. Вазну тамкини замин ва қудрати ҷонофарин доштани сухан дар замони зинда будани Муъмин Қаноат эҳсос мешуд. Бо вуҷуди он ки солҳои охири умр устод камфаъолият буданд, вале ҳузури эшон чун яке аз пояҳои устувори ҷомеаи фарҳангии тоҷик бисёр муҳим буд. Вале афсӯс...**

Банда бо устод Муъмин Қаноат воҳӯриву суҳбатҳои зиёде доштам, ки солҳои қабл ба табъ расида буданд. Ҳанӯз сабти суҳбати 4-соатаи нонавишта ва нашрнашуда низ бо эшон дорам. Вале имрӯз, дар арафаи мавлуди устод, суҳбати охиринамро бо эшон ба ёд меорам, ки чанде қабл аз марги эшон сурат гирифта буд. Устод Муъмин Қаноат то вопасин лаҳзаҳои умр дар фикри адабиёт, забон, фарҳанг ва таърих буданд. Дар ин суҳбат низ, ки дар вақти бемориашон сурат гирифта буд, устод се паём доштанд, ки онро аз номи худашон манзури шумо мекунам.

## Се зиндагии шоир

Ба шахсияти эҷодкор Худованд се зиндагӣ ато мекунад: якум барои омӯзиш, дуввум барои татбиқи андӯхтаҳо ва саввум барои омӯзонидан. Мутассифона, на ҳамеша инсон ба қадри вақт барин неъмат мерасад. Банда низ афсӯс меҳӯрам, ки бисёр чизҳоро дар зиндагӣ аз даст додам. Ҳоло дар синни пирӣ мекӯшам, то чизҳои аз даст рафтаро пас гардонам, вале афсӯс...

Чанде боз ба омӯзиши амиқи китоби "Авасто" ва дини зардуштӣ шуруъ кардаам. Зардуштияро на ҳамчун дин, балки мисли як фалсафа таҳқиқ мекунам, ки дар манбаи он ҳақиқати машҳур ниҳода шудааст: пиндори нек, гуфтори нек, рафтори нек. Ҳама ҷаҳониён, моҳиятан, саъй мекунанд, то ба ин ҳақиқат расанд, кулли адёни олам дар атрофи ин мавзуъ баҳс мекунанд ва сиёсати ҷаҳони муосир низ бояд дар асоси ин сегона офарида шавад. Яке аз самтҳои корҳои илмии ман алъон ба таҳлили ин мавзуъ равона аст. Агар Худованд умр диҳад, рисолае ҳам менависам.

## Мактаби адабӣ

Чун ман шоирам, бештар дар мавриди адабиёт андеша мекунам. Хеле мутаассифам, ки адабиёти мо дар деги худ меҷӯшад. Алъон, аксарияти шоирон ва нависандагони ҷавон донистани решаҳои худро як чизи нолозим меҳисобанд. Омӯзиши адабиёти ҷаҳонӣ, санъат ва сиёсат дар онҳо дида намешавад. Охир, офаридани шоҳасар бо каллаи холӣ ҳеҷ имкон надорад, қаламро ба даст гирифтан бо ботини дохилии пуч - гуноҳ аст. Афсӯс, аксари эҷодкорони мо камсаводанд.

Касе дар пайи омӯзиши ҷавонҳо нест.

Қаблан дар Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон шуъбаи махсус барои тарбияи насли ҷавон буд. Ва Боқӣ Раҳимзода барин муаллими бузург роҳнамо буданд. Аз саросари кишвар истеъдодҳоро ҷамъ меоварданд. Ҳоло, афсӯс, чунин нест. Касе ба касе коре надорад. Ҳол он ки, адабиёт бе барномаи дуруст, бе роҳнамоии дуруст, бе нақди дуруст як қадам ҳам пеш намеравад.

Шахсан ман якчанд шогирд ба воя расонидам, вале афсӯс, онҳо, чӣ тавре ки аз шеърҳову гуфтаҳояшон бармеояд, он қадар оқил нашуданд. Ягона шогирди шоистаи ман марҳум Лоиқ Шералӣ буд, ки ӯро камина ба тамоюлҳои нави назм шинос карда будам, дар шахсияти ӯ ман манбаи ғурур, озодфикрӣ ва ҳисси ифтихороти миллиро парварда будам. Аммо бо як тарбия чизи муҳимеро ба даст овардан мумкин нест, агар дар ботини худи шахс манбаи зарурӣ набошад. Ва Лоиқ чунин шахсият буд.

## Ҳоли забонро хароб карданд!

Вақтҳои охир вазъи забон маро мушавваш мекунад. Ахиран, тамоюлоти аҷоиби инкишофи забони адабӣ мушоҳида мешавад: баъзеҳо кӯшиш мекунанд, ки онро ба сатҳи ниҳоят оддӣ фароранд, баъзеҳои дигар саъй мекунанд, ки онро то сатҳи ношинохтанӣ бароранд. Ва аз ҳама ғарибаш, забонро то он дараҷае содда кардаанд, ки гӯйишҳои баъзе минтақаҳои Тоҷикистон дар сатҳи давлатӣ истифода мешавад. Дар баробари ин, гурӯҳи дуюм кӯшиш мекунанд, ки забонро ба ҳадди аксар такмил диҳад, онро ба таври сунъӣ бо калимоту ибораҳои бегона, ғайритоҷикӣ "зеботар" намоянд. Ва дар ин маврид онҳо ба лаҳҷаҳои Эрон такя мекунанд. Ҳар дуи ин тамоюл ба манфиати забони тоҷикӣ нест. Табиати забон татбиқи маснӯиро таҳаммул карда наметавонад, он мисли дарёи пурҷӯш аст, ҳама чизи нолозим ва беҷонро ба соҳил меандозад. Ҳамин чиз тадриҷан бо забони тоҷикӣ ҳам рух медиҳад. Чанд рӯз пеш дар нашрияе хондам, ки олиме гуфта: "Забони тоҷикӣ қудрати бозгӯйии илми дақиқро надорад". Хандаам омад. Чаро Хайём тавонист, Сино тавонисту имрӯз мо наметавонем!? Барои мисол Абӯалӣ ибни Сино, ки дар Ғарб ҳамчун Авитсенна машҳур аст, тавонист як қатор истилоҳоти тоҷикӣ дар соҳаи тиб, равоншиносӣ, кимиё, физика, нуҷумшиносӣ ва мусиқӣ кашф кунад. Масалан, бемории "рак"-ро вай дар энсиклопедияаш "ҳазорреша" номидааст. Вале ҳоло, дар соҳаи тиби муосир, мо тамоман вожаи дигареро истифода мебарем - "саратон", ки он ҳам арабӣ аст...

Имрӯз ҳама аз таърихи боифтихори забон мегӯем, дар бораи аҷдодони бузурги худ - Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Саъдӣ, Ҳофиз, Румӣ ва дигарон доду вой мезанем, вале чаро мо кӯшиш намекунем, ки фарзандони сазовори ин падарон бошем?! Ҳаёҳуйи мо бефоида аст. Бояд ҷиддӣ дар фикри забон, дар фикри мероси халқамон бошем. Мо аз дороиҳои дунё фақат ду чиз дорем - фарҳанг ва илм. Адабиёт, забон ва шеъри мо ҷузъи фарҳанги мост. Онро бояд пос дорем.

**О. СОҲИБЗОДА**

Эълонҳои бештар дар ARZON.TJ

## ФУРӮШИ БӮСТОНСАРО

► Таъҷилӣ! Бӯстонсарой, дарахтони мевадиҳанда дорад, суроға: шаҳри Ваҳдат, шоҳроҳи Ромит, уч. Тангаи. Тел: 904-510-370.

## МЕХАРЕМ

► Холодилникҳо, кондитсионерҳо, телевизорҳо, қолинҳо ва мебел. Тел: 987-83-83-25, 905-10-27-31.

## ИҶОРА МЕДИҲАМ

► 3-ҳуҷрагӣ, табдилдодашуда ба 4-хуҷрагӣ, қабати 3, обу барқ доимӣ, таъмири аврупоӣ, бо ҳамаи шароитҳояш, суроға: Шаҳраки ҳарбӣ (Военный городок). Тел: 931-46-02-07.

## САЛОМАТӢ

► Холу озаххоро бе ҷарроҳӣ мегирем. Тел: 904-61-43-34.

## ЭЪТИБОР НАДОРАД

► Шаҳодатномаи ҶДММ "Граф Полиграф", РЯМ: 0410003275, РМА: 040021376-и гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Сино 15.12 соли 2009 додааст, беэътибор дониста шавад.

► Дафтарчаи меҳнатии ОТ-I №0442499-и гумшуда, ки онро Совхози Комитерини ноҳияи Ленин (ҳозира ноҳияи Варзоб) 10-уми ноябри соли 1976 ба Меликов Хайридин додааст, беэътибор дониста шавад.

► Аттестати хатми синфи нуҳуми Т-ШТА №0143308-и гумшуда, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №43-и ноҳияи Сино соли 2007 ба Файзиддини Фатхиддинзода додааст, беэътибор дониста шавад.

► Дипломи №0095992-и гумшуда, ки онро Литсейи касбии техникии шаҳри Ҳисор соли 2016 ба Юсупов Шаҳбоз Бахруллоевич додааст, беэътибор дониста шавад.

► Аттестати хатми синфи нуҳуми Т-АТА №0564742-и гумшуда, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №1-и ноҳияи И. Сомонӣ 01.07 соли 2017 ба Ашурмамадов Салам Алиёрович додааст, беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ барои ҳавлидорӣ бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, ҷамоати Коктош, уч. Киров ба номи Содиқова Маҳтоб Аскаровна, бинобар гум шудан, беэътибор дониста шавад.

► Дафтарчаи имтиҳонотии гумшуда, ки онро Коллеҷи ҷумҳуриявии рассомии ба номи Мирзораҳмат Олимов соли 2018 ба Носирова Аниса Шонасировна додааст, беэътибор дониста шавад.

► Аттестати БП №685560-и гумшуда, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №6-и ноҳияи Октябр (ҳозира Сомонӣ) ба Махкамбаев Рашид Салимжанович додааст, беэътибор дониста шавад.

► Аттестати хатми синфи ёздаҳуми Т-ШТУ №0472578-и гумшуда, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии№2-и ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ, кӯчаи Сомониён 29-уми июни соли 2011 ба Замонзода Умедахони Абдулманон додааст, беэътибор дониста шавад.

► Дафтари ҳавлидорӣ бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи А. Фирдавсӣ, кӯчаи Фирдавсӣ, бинои №19/3, ҳуҷраи 58 ба номи Исмаилов Рустам Туркашалиевич, бинобар гум шудан, беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи қарз дар феҳристи тахти №9Ш-194-и гумшуда, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Синои шаҳри Душанбе 23-юми ноябри соли 2021, ки Муяссарзода Рахимчон 189 540 (яксаду ҳаштоду нуҳ ҳазору панҷсаду чил) сомонӣ ба Абдуллоев Нуриддин Амридинович қарз додааст, беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатӣ (сертификат, легализатсия, техпаспорт) №17971, рақами кадастри 68-005-000360, №0167726 (субъекти ҳуқуқ: Шералиев Муяссар Кандович, РМА: 045688802, суроға: НТҶ, ноҳияи Рӯдакӣ, деҳоти Чимтеппа, деҳаи Гулбутта) бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Баҳоуддинова 79, ки КДФ "Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул" дар шаҳри Душанбе додааст, беэътибор дониста шавад.

► Иқтибос тахти №365-2 аз санаи 29-уми феврали соли 2016 ба номи Тохирова Саида дар бораи ба гарав гузоштани манзили истиқоматӣ воқеъ дар суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Тунис, хонаи 5, хуҷраи 9, бинобар гум шудан, беътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Аҳмади Дониш, хонаи 24, ҳуҷраи 54 ба номи Ляшенко Галина Ильинична, бинобар гум шудан, беэътибор дониста шавад.

► Аттестати хатми синфи нуҳуми Т-АТА №0720723-и гумшуда, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №66-и ноҳияи Синои шаҳри Душанбе соли таҳсили 2017-2018 ба Мубораккадамов Чахонгир Одилбекович додааст, беэътибор дониста шавад.

► Аттестати хатми синфи нуҳуми АБ №037937-и гумшуда, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №4-и ба номи Б. Асоева (собиқ мактаб-литсейи №4-и ба номи Т. Собиров)-и шаҳри Ваҳдат соли таҳсили 1991-2000 ба Шарипов Фируз Рустамович додааст, беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ бо реестри №2069 бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи 50-солагии Тоҷикистон, хонаи 41, ҳуҷраи 31 ба номи Набиева Сайнисо Рафиевна, бинобар гум шудан, беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ бо реестри № 01/742 бо суроғаи ноҳияи Фирдавсӣ, ҷамоати деҳоти Чимтеппа, деҳаи Корвон, хонаи 03/02, ҳуҷраи №72 ба номи Рахмонов Худойдод Фатахович (ҳозира ба номи Сафаров Наврuz Сайчафарович), бинобар гум шудан, беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ ва Шартномаи хариду фурӯши бинои таваққуфгоҳ дар феҳристи №1Ш-/287-и гумшуда, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе 26-уми сентябри соли 2019 бо суроғаи шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, хонаи 177 дар таҳхона, бинои таваққуфгоҳи "А-12" ба номи Иннал Чилла Сурхалишоевна, беэътибор дониста шавад.

► Дипломи ДТО №0024971 бо рақами қайди 150-и гумшуда, ки онро Донишгоҳи давлати тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино соли 2006 ба Хочаева Тахмина Курбонхучаевна додааст, беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи хариду фурӯши квартира ДШ №0662853 бо феҳристи тахти рақами 8Ш-3263-и гумшуда, ки онро Идораи давлатии нотариалии ноҳияи Синои шаҳри Душанбе 22-юми сентябри соли 2015 бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Низоми Ганҷавӣ, хонаи №365/4, ҳуҷраи 53 ба Ширинбекова Фарзона Аёзовна додааст, беэътибор дониста шавад.

► Иқтибоси соҳибкори инфиродии гумшуда ба номи Муродов Мурод Нуралиевич, РЯМ: 0331269785, РМА: 015160021, ки онро Нозироти андози ноҳияи Фирдавсӣ соли 2015 додааст, беэътибор дониста шавад.

► Аттестати хатми синфи ёздаҳуми Т-ШТУ №0061345-и гумшуда, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №77-и ноҳияи Фирдавсӣ соли таҳсили 2005-2006 ба Мустафокулова Шахноза Ахмедовна додааст, беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи ҳадяи хонаи истиқоматӣ тахти феҳристи 8Ш-1169-и гумшуда, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Синои шаҳри Душанбе 20.04 соли 2009 бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Ҳаёти Нав, хонаи 99 ба Бойматов Чафар Бахромович додааст, беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи хариду фурӯши қисми бинои мағоза тахти феҳристи 6Ш-112-и гумшуда, ки онро Идораи нотариалии давлатии шаҳри Ҳисор 03.06 соли 2016 бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, ҷамоати деҳоти Ҳисор, деҳаи Равшан, марзи маъмурии ноҳияи Рӯдакӣ ба Шукуров Бахром Гуломович додааст, беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи хариду фурӯши квартира тахти феҳристи 1К-247-и гумшуда, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Рӯдакӣ 25.03 соли 1995 бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, посёлкаи Нефтяник, кӯчаи Мир, хонаи 4, ҳуҷраи 19 ба Волохина Светлана Васильевна додааст, беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи шаҳрвандӣ бо силсилаи А03336408-и гумшуда, ки онро ШВКД-1 дар ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе 20.05 соли 2020 ба Ермамадов Бехруз Гульзорович додааст, беэътибор дониста шавад.

## БАРҲАМ МЕХУРАД

► Ташкилоти ҷамъиятии маркази ҳифзи муҳити зисти ҷомеа "Рушд" рақами қайди ИҶ 34 "А", Ва №0011045, РМА: 120030470, фаъолияташро қатъ менамояд. Ҳама арзу шикоят муддати ду ҳафта қабул карда мешаванд.


## JOB VACANCIES

UN DP Empowered lives. Resilient nations.

UNDP is the United Nations' global development network, an organization advocating for change and connecting countries to knowledge, experience and resources to help people build a better life. We are on the ground in 177 countries, working with them on their own solutions to global and national development challenges. UNDP has been on the ground in Tajikistan since 1994. UNDP's Programme in the country consequently represents a broad spectrum of activities, including Poverty reduction; Good governance; Crisis prevention; Energy and environment and Reducing burden of HIV/AIDS, Malaria and Tuberculosis

**UNDP TAJIKISTAN IS SEEKING TO RECRUIT:**

- **International Consultant on ART Rapid Assessment / Международный консультант по АРВТ (Strengthening Supportive Environment and Scaling up prevention, Treatment and Care to reduce the burden of HIV and TB in the Republic of Tajikistan / Contract Type: IC International; Duty Station: Dushanbe, Tajikistan; Deadline: 01 June 2022).**

For detailed Job Descriptions and instructions for submission of applications please visit our website: **www.tj.undp.org > Operations>Job. Applications** without the completed application form will be treated as incomplete and will not be considered for further assessment.
Only shortlisted candidates will be contacted. Qualified female candidates are strongly encouraged to apply. To stay updated on our Vacancy Announcements please join us on Facebook:**http://www.facebook.com/pages/RecruitmentUNDP-Tajikistan/141125059321554**

# Толеънома



### Ҳамал
**21.03 - 20.04**

*Ҳафтаи нав тамоми ҳунару маҳорати худро ба кор бурда, маблағи хуб ба даст овარданатон боиси ҳайрати атрофиён мегардад. Нафарони оилаву фарзанддор барои наздикони худ вақти зиёдеро сарф карданашон лозим меояд.*



### Савр
**21.04 - 21.05**

*Ҳафта барои нафароне, ки дар мучали савр таваллуд ёфтаанд, чандон бобарор нест. Сафарҳо боиси ташвишу сарфи маблағи зиёдатӣ мегарданд. Бисёр чизҳо аз он вобастагӣ доранд, ки шумо бештар бо кӣ ҳамсуҳбат мешавед.*



### Ҷавзо
**22.05 - 21.06**

*Дар ин ҳафта бо шарофати чаққониву дилёбӣ соҳиби мукофотпулӣ ё маоши хуб гашта метавонед. Дар ҳаёти шахсиятон тағйирот дида намешавад, вале кӯшиш намоед, ки бо наздикони худ самимӣ буда, ба роҳи макру фиреб наравед.*



### Саратон
**22.06 - 23.07**

*Дар ҷойи кор ва масъалаҳои молиявӣ бурдборӣ насибатон мегардад. Аз кумаку дастгирии ҳамкорони ботаҷриба ва роҳбарияти коргоҳ рӯ нагардонед, аввали ҳафта кумаки ҳамкасбон айни муддао мегардад. Тамоми мушкилоти молиявиро мустақилона рафъ созед.*



### Асад
**23.07 - 22.08**

*Нафароне, ки побанди одатҳои бад гаштаанд, аз бад шудани ҳолати саломатӣ шикоят мекунанд. Бештар дар ҳавои тоза бо кори ҷисмонӣ машғул шуданатон бар нафъи саломатӣ аст. Рӯзи сешанбе бо кори пурмашаққат машғул шуданатон лозим меояд.*



### Сумбула
**23.08 - 22.09**

*Агар ошиқ бошед, дигар муҳаббати худро пинҳон карданатон маънӣ надорад. Боҷуръаттар амал намуда, аз пайи бунёд намудани бахти худ шавед. Рӯзҳои сешанбе ва ҷумъаро ба шахси дӯстдоштаатон бубахшед. Рӯзҳои дигар бо мушкилоти молиявӣ машғул шавед.*



### Мизон
**25.09 - 22.10**

*Беҷуръативу шармгиниро аз худ дур созед, худро аз дигарон кам нагиред. Истеъдоду қобилиятҳои нави худро ҳатман нишон дода, баҳоначӯӣ накунед. Масъалаҳои молиявӣ рӯзи панҷшанбе рӯ ба беҳбудӣ меоранд, вале ба роҳи макру фиреб қадам нагузоред.*



### Ақраб
**23.10 - 22.11**

*Дар ин ҳафта барои ҳифз намудани обрӯву нуфузи худ мубориза бурданатон лозим меояд. Вақте расидааст, ки аз пайи саломатӣ шавед. Рӯзҳои сешанбе ва чоршанбе аз ҷойҳои серодам ва нақлиёти зиёд дурӣ ҷӯед. Бонувон марди орзуҳои худро пайдо мекунанд.*



### Қавс
**25.11 - 21.12**

*Рӯзи душанбе аз муноқишаҳо дар ҷойи кор ва баҳсу мунозира халосӣ ёфта наметавонед. Қаҳру ғазаби худро нигоҳ доред, вазъиятро ногувор насозед. Миёнаи ҳафта ҳузури шумо ҳама гуна ҷашну маҳфилро рангу маънии тоза мебахшад.*



### Ҷаддӣ
**22.12 - 20.01**

*Дар ин ҳафта ҳам корҳои эҷодӣ ва ҳам молиявию ошиқонаатон барор мегиранд. Дар рафъи масъалаҳои зиёде дӯстони воломақоматон дасти кумак дароз мекунанд. Пешравии корҳоятонро дида, ба танбалӣ роҳ надиҳед. Миёнаи ҳафта бо собиқ дӯстдоштаатон вомехӯред.*



### Далв
**21.01 - 19.02**

*Ҳафтаи чандон бобарор нест. Аз атрофиён танҳо зарар мебинед. Рӯзи сешанбе дарунакӣ ба ғазаб биёед ҳам, кори худро давом медиҳед. Рӯзи чоршанбе аз шиносоӣ бо нафаре маълумоти аҷибу даркориро ба даст меоред. Миёнаи самараи заҳматҳоятон маблағи хуб меорад.*



### Ҳут
**20.02 - 20.03**

*Мушкилии асосие, ки дар ин ҳафта нафарони дар мучали ҳут таваллуд ёфтаро ташвиш медиҳад, масъалаи молиявӣ аст. Камбудиҳои хона ва фарзандон хутҳои оиладорро маҷбур месозанд, ки маблағи зиёд сарф намоянд. Саломатиро тавассути маблағи захиракардаатон беҳтар созед.*

# РАЙҲОН - ДАВОИ ДАҲ ДАРД

**Райҳон миҷозаш дар дараҷаи якум гарм ва дар дуввум хушк аст. Барои бемориҳои зиёде дору мебошад. 10 бемориеро дар зер меорем, ки райҳон ба онҳо шифо мебахшад.**

1. Панҷ грамм тухми райҳони хушкро кӯфта, бо об биёшоманд, варамҳои ҳамаи аъзоро таҳлил медиҳад.
2. Оби райҳонро бо равғани кунҷид дар зарфе бо оташи мулоим биҷӯшонанд, то равған худаш бимонад. Баъд онро ба зонуи дарднок бимоланд, нафъ мебахшад.
3. Райҳони тар ё хушкашро ба ҳар тарике, ки бихӯранд, суддаи майнаро мекушояд.
4. Ҳар рӯз каме райҳонро кӯфта ё қимма карда бихӯранд, меъдаи сустро қувват мебахшад.
5. Ҳар рӯз ду мисқол оби райҳонро бо шакар бихӯранд, дамкӯтаҳиро дафъ мекунад.
6. Бӯй кардани райҳон дарди сареро, ки аз гармӣ бошад, шифо мебахшад.



7. Ҳар рӯз ду мисқол оби райҳонро бо шакар биёшоманд, сурфаро дафъ мекунад.
8. Оби райҳонро бо равғани кунҷид дар зарфе биҷӯшонанд, то худи равған бимонад, молидани он ва хӯрданаш барои бемории фалаҷ даво аст.
9. Истеъмоли райҳон барои хафақон дору мешавад.
10. Райҳонро бихоянд, пухтани даҳанро шифо мебахшад.

# ХИЛЪАТИ САФЕД - ҚАЛБИ САФЕД



**Дар яке аз овезаҳои даҳлези Маркази саломатии шаҳрии №13 ин суханони Пешвои миллатро мехонем: “Табиб бояд накӯкор, софдил, беғараз, боинсоф, ҳаққӯӣ ва хушмуомила бошад”. Боиси таҳсин аст, ки аҳли ин бемористон бо роҳбарии Ҳамидзода Ҳомидҷони Ҳамид ин суханони сарвари давлатро сармашқи фаъолияти кории худ қарор додаанд.**

Баъд аз Худованд тақдири инсон дар дасти табибон аст. Ҳар як сухани табиб ва муомилаву муоширати ӯ ба бемор таъсир мекунад. Вақте ба маркази мазкур корафтода мешавем, кормандони он, ки ҳар яке табибони ҳозиқ ва хоҳарони меҳрубони шафқат ҳастанд, бо чеҳраи кушод беморонро пешвоз гирифта, хизмат мерасонанд. Феълан дар дармонгоҳи мазкур ҳамаи шароитҳо барои ташхису табобат муҳайё аст. Табибони Маркази саломатии шаҳрии №13 феълан тамоми намуди бемориро ташхис ва бо усулҳои муосир табобат мекунанд. Бо ташаббуси Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе ва Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ бемористони мазкур соҳиби флюроографияи ҳозиразамон ва бо кумаки Сафорати Ҷопон соҳиби 3 адад (УЗИ) ултрасадо гардид, ки кори табибонро осон кардаасту корафтодагонро аз ташвишҳо озод. Феълан 97%-и табибони марказ мутахассисони дараҷаи олӣ ва 96% мутахассисони миёна дар хизмати мардум ҳастанд.

Дар Маркази салмоатӣ ба маъюбони гурӯҳҳои 1-2 имтиёзҳои сабук, ба камбизоатон тариқи ройгон кумак расонида мешавад. Дар марказ инчунин шуъбаҳои ҷарроҳии пӯст, варами рагҳои талхадон, хатна ва ғайра фаъолияти пурсамар доранд.

Мавриди зикр аст, ки дар дармонгоҳи номбурда гӯшаи гиёҳдармонӣ фаъолият мекунад ва корафтодагон намудҳои гуногуни гиёҳҳои ватаниро ба сифати доруворӣ дастрас мекунанд.

Ин дастовардҳои Маркази саломатии №13 натиҷаи заҳмату талоши роҳбари он Ҳамидзода Ҳомид аст. Ин ҷавони болаёқат барои ободии бемористон мекӯшад ва беморонро бо симои дилоромкунанда пешвоз мегирад. Ҳарфашонро гӯш карда, ба мушкилоташон расидагӣ менамояд.

Ҳамидзода Ҳомидҷон бо нишони сарисинагии Аълочии тандурустии Тоҷикистон ва як зумра ифтихорномаю сипосномаҳои соҳаи тиб қадрдонӣ гардидааст. Ӯ ҳамчунин дар баробари корҳои амалӣ ва роҳбарӣ ба фаъолияти илмӣ низ майл дорад. Унвонҷӯи Донишгоҳи давлатии тиббии Ҷумҳурии Тоҷикистон аст. Мақолаҳои илмиаш дар маҷаллаҳои бонуфузи илмӣ ба нашр расида, рисолаи илмиаш дар ҳоли дифоъ мебошад.

Банда ҳамчун муштарии доимии ин Маркази саломатӣ аз кори табибон ва роҳбарияти он розӣ ҳастам ва бароящон пайваста орзуҳои нек мекунам.

**Ш. ҲАМРОҚУЛЗОДА,**
**омӯзгори Донишгоҳи молия ва иқтисоди Тоҷикистон**



# ТАРОШ БО ТЕШАИ ХУД ҶОДАИ ХЕШ

## ҳунарманде, ки ба унвони баланди эҷодӣ сазовор аст

**Роҳбари ансамбли “Тарона ва рақс”-и Филармонияи давлатии Тоҷикистон ба номи Акашариф Ҷӯраев, дорандаи медали “Хизмати шоиста”, Аълочии фарҳанги Тоҷикистон, ҳунарманди асилу дӯстдоштанӣ Алишер Қанотзода тамоми ҳастии хешро ба санъати мусиқӣ ва овозхонӣ бахшидааст.**



*Алишер Қаноатзода бо Гулпарӣ Орифзода*

Алишер Қаноатзода аз авлоди ҳунармандон буда, муҳити хонаводагиаш анбошта аз шеъру суруду тарона буд. Ҳанӯз дар овони таҳсил дар мактаби миёна дар саҳнаи хурди мактабӣ ҳунарнамоӣ карда, дар озмуну фестивалҳои минтақавӣ, шаҳрӣ, вилоятӣ ва ҷумҳуриявӣ иштирок мекард. Бо бародаронаш - Иноят, Бахтиёр, Саидалӣ ва Давлаталӣ дар тӯю маъракаҳои хурсандии ҳамдеҳагон иштирок ва ҳунарнамоӣ мекард. Махсусан, бародари калонӣ - Иноят дар тарбияи Алишер ва дигар бародарон саҳми муносиб гузоштааст. Садои акои Иноят, агар ба забони мусиқӣ ифода кунем, тенори лирикӣ буда, диапазони овоз хеле дароз ва якчанд актаваро дар бар мегирифт. Ҳатто дар сафарҳо ҳам рубоб ҳамсафару ҳамрози ҳамешагии ӯ буд. Аз чӯб барои худ рубоб ҳам месохт. Нақл мекунанд, ки акои Иноят ҳангоми бозгашт аз хизмати ҳарбӣ аз даромадгоҳи деҳа то манзили падарӣ, ки дар самти болоии деҳаи Артучи деҳшӯрои Рӯдакӣ ҷойгир буд, бо савту навои мусиқӣ ва сурудхонон омадааст. Чунин рафтори ғайримуқаррарӣ ду сабаб дошт: хурсандии бозгашт аз хизмат ва шукронаи додарчаи навзод, ки он тифл - Алишери азиз имрӯз номбардори хонавода ва миллати тоҷик гардидааст.

Алишер Қаноатзода баъди хатми мактаби миёна ва адои хизмати Модар-Ватан, соли 1989 ба факултети мусиқӣ ва суруди Донишкадаи ҳунарҳои зебои ба номи Мирзо Турсунзода дохил шуда, онро соли 1994 бо дипломи аъло хатм кард. Баъд аз хатми донишкада корро бо роҳхат дар Филармонияи давлатӣ, ба сифати овозхон дар ансамбли “Ҷавонӣ”, ки роҳбарии онро Ҳунарманди мардумии Тоҷикистон Хосияти Зарафшонӣ - овозхони садояш бемисл ба уҳда дошт, оғоз кард. Дар муҳити эҷодии Филармонияи давлатӣ дар он замон шоҳсутунҳои мусиқии тоҷик, ба монанди устоди зиндаёд Зафар Нозим, ҳунарманди мардумии собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ, устод Ҷӯрабек Муродов, ҳунармандони шоиста Абдумаҷид Бердиев, Субҳон Саидов, Олим Бобоев, Хурсандмурод Зарифов, ҳунармандони мардумӣ Афзалшо Шодиев, Хосияти Зарафшонӣ, Чиллахон Холов ва дигарон фаъолият мекарданд. Алишер ҳамаи ҳунармандони мазкурро мураббии худ ҳисобида, аз ҳар кадоми онҳо чизҳое омӯхтааст, ки дар ташаккули касбияти ӯ мусоидат кардаанд. Ҳамин тавр, Алишер зина ба зина ҳунари худро такмил дода, тӯли 28 сол аст, ки дар боргоҳи ҳунарии мазкур фаъолияти пурсамар анҷом медиҳад. Ӯ сабки махсуси худро пайдо карда, айни замон ба сифати устоду мураббӣ шогирдони зиёдеро тарбият карда истодааст. То имрӯз бо фарогирии сурудҳои нав ба нав зиёда аз 12 шаби эҷодӣ баргузор кардааст. Инчунин, дар хориҷ аз кишвар низ мунтазам барномаҳои консертияш баргузор мешаванд.

Ӯ то имрӯз ба беш аз 170 матн оҳанг эҷод кардааст, ки 125-тои он сабт гардида, дар хазинаи тиллоии садову симои кишвар маҳфуз аст. Китоби сурудҳояшро ба чоп омода кардааст, ки фарогири 70 суруду оҳанг мебошад.

Устоди А. Қаноатзода Ҳунарманди мардумии Иттиҳоди Шӯравӣ ва Ҷумҳурии Тоҷикистон, устоди нотакрори ҳунар Ҷӯрабек Муродов дар барномаи “Ёди рӯзгори ширин” чеҳраи ҳунарии А. Қаноатзодаро равшан муаррифӣ карда буд. Ба қавли устод, “ном мондан ҳам ба одам таъсираш ҳаст, Алишер ба душвориҳо қаноат кард, ба мақсад расид ва ҳоло шерона дар санъат хизмат карда истодааст, хислати хуби роҳбарӣ кардан дорад, заҳмат мекашад, босавод аст, хушбахтӣ ҳамин ки, ҳам шеърро мефаҳмад, ҳам оҳангро ҷо ба ҷо монда мехонад, ин чиз бисёр мураккаб аст, ҳамту ба гуфтан осон менамояд, лекин шеърро ёфта, оҳанг баста, аз ёд карда, баъд ба халқи азиз пешниҳод кардан бисёр заҳмат металабад...”. Суханони мазкур ба тавзеҳи зиёдатӣ ниёз надорад. То бод чунин бодо! Устод дар ҳамин барнома аз қавли як шогирдаш, ҳунарманди тоҷики муқими Амрико ёдовар шуд, ки гуфтааст: “Шогирде, ки “ман - шогирд” мегӯяд, “Дили модар”-и шуморо хонда натавонад, вай шогирд нест. Ҳақиқатан, ҳамин Алишер “Дили модар”-ро як хушрӯ хонд, ки...”. Баъд аз ин сухан дар ҳамон барнома суруди мазкур дар иҷрои Алишер садо дод, ки аз назари сабки иҷро ҳунари сарояндагии вижаи овозхони ҷавонро ба намоиш мегузошт.

Дар урфият мегӯянд, ки “ҷомаи бомаслиҳат кӯтоҳ намеояд”. Дар ҳақиқат, Алишер дар интихоби матну оҳанг бисёр ҷиддӣ муносибат карда, дар ин раванди эҷодӣ, ки бисёр мураккаб аст, то ҳанӯз аз машварату маслиҳати устодонаш суд меҷӯяд. Бо шоиронy адабиётшиносону оҳангсозон ҳамкорӣ дорад. Аввалин шунавандаи сурудҳояш аҳли хонавода ва дӯстони наздикаш хастанд. Танҳо баъд аз итминони комил ҳосил кардан тасмими ниҳоӣ мегирад.

Кӯлвори эҷодии Алишер пурбор аст. Ӯ ҳамвора дар ҷустуҷӯи эҷодӣ қарор дошта, аз пайи такмили ҳунару истеъдоди худ кӯшиш мекунад. Дар жанрҳои гуногуни мусиқии суннатию муосир, ба мисли шашмақом, сурудҳои халқӣ, эстрада, оркестри созҳои халқӣ шеър месарояд. Аз ҷумла, бадеҳасароӣ дар репертуари Алишер мавқеи муҳим дорад. Ҷуфти ҳунарии ӯ дар бадеҳасароӣ овозхони ансамбли “Тарона ва рақс”, Аълочии фарҳанги Тоҷикистон, барандаи озмуни “Суруди модар - 2022” хонум Гулпарӣ Орифзода аст. Ҳарду беш аз бист бадеҳа сароидаанд, ки бадеҳаҳои “Гулпарӣ”, “Зери борон”, “Майда-майда меравӣ”, “Эй ҷавонӣ”, “Ҷавон бимонӣ”, “Ошиқи шумо” аз ҷумлаи онҳоянд. Бадеҳаҳои “Муҳаббат жрӣ”, “Ҳасите” ва “Кимилерин...”-ро ба забонҳои қазоқӣ, ҳиндӣ ва туркӣ дилрас месароянд.

Алишер ба 12 забони хориҷӣ, ба мисли русӣ, арабӣ, ҳиндӣ, непалӣ, туркӣ, туркии озарӣ, қазоқӣ, ӯзбекӣ, туркманӣ суруд мехонад. Бо боварии комил метавон изҳор кард, ки Алишер Қаноатзода сазовори унвонҳои баланди эҷодӣ аст.

Шиори асосии Алишер Қаноатзода дар эҷод “Тарош бо тешаи худ ҷодаи хеш” аст. Дар тароши ҷодаи эҷод ва фатҳи қуллаи мурод ба Алишери азиз боз ҳам барор ва комёбиҳои тоза ба тоза, нав ба нави эҷодӣ таманно менамоем.

Алишерро рӯзи 23-юми май, соати 17:00 дар толори Филармонияи давлатии Тоҷикистон ба номи Акашариф Ҷӯраев имтиҳони бузурге дар пеш аст. Ӯ ҳамроҳи Гулпарӣ Орифзода шаби эҷодии худро тахти унвони “Пайғоми ҷавонӣ” пешкаши мухлисони азизи худ мегардонад. Ин базми ҳунар ба Рӯзи ҷавонон ва ҷавонии шаҳри Душанбе бахшида шудааст.

Марҳабо, ба базми ҷамшедии Алишеру Гулпарӣ!

**Мисбоҳиддини НАРЗИҚУЛ**

## Тақвими ТОҶИКИСТОН

**20 МАЙ**

**МУЪМИН ҚАНОАТ** (1932-2018), 90-солагии зодрӯзи Шоири халқии Тоҷикистон, дорандаи Ҷоизаи давлатии ба номи Рӯдакӣ.

**ҚУВВАТ ХОЛОВ** (1937-2011), 85-солагии зодрӯзи журналист, Корманди шоистаи Тоҷикистон.

**САЪДУЛЛО НАИМБОЕВ** (1937-2007), 85-солагии зодрӯзи олими соҳаи педагогӣ, адабиётшинос.

**АБДУЛЛО МИРАЗИЗОВ** (1962), 60-солагии зодрӯзи доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор.

**ЗИННАТУЛЛО ИСМОИЛЗОДА** (1972), 50 солагии зодрӯзи раиси Иттифоқи журналистони Тоҷикистон.

**21 МАЙ**

**МАҲМАДБЕК ҒАНИЕВ** (1957), 65-солагии зодрӯзи сароянда ва оҳангсоз, Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон.

**АБДУРАҲИМ ҒАФУРОВ** (1947), 75-солагии зодрӯзи арбоби фарҳангӣ, Корманди шоистаи маданияти Тоҷикистон.

**22 МАЙ**

**МАЛИКА СОБИРОВА** (1942-1982), 80-солагии зодрӯзи Актрисаи халқии Иттиҳоди Шуравӣ, Корманди шоистаи маданияти Тоҷикистон, дорандаи “Ордени сурхи меҳнат”.

**ШОДИҚУЛ СОҲИБОВ** (1947), 75-солагии зодрӯзи олими соҳаи геология.

**23 МАЙ**

**НАРЗУЛЛО САНГИНОВ** (1947), 75-солагии зодрӯзи олими соҳаи иқтисод.

**АЛИҚУЛ ТУРАЕВ** (1937-1997), 85-солагии зодрӯзи олими соҳаи биология.

**24 МАЙ**

**ОХУНҶОН ЁҚУБОВ** (1892-1969), 130-солагии зодрӯзи наттоқ, дорандаи Ҷоизаи давлатии ба номи Рӯдакӣ.

**АБДУЛМАҶИД ЮЛДОШЕВ** (1937), 85-солагии зодрӯзи олими соҳаи тиб.

**ШЕРАЛӢ МИРЗОЕВ** (1967), 55-солагии зодрӯзи генерал-полковник, арбоби низомӣ.

**25 МАЙ**

**ФАЙЗУЛЛО ӮЛМАСОВ** (1952), 70-солагии зодрӯзи санъаткор, Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон.

**САМАРИДДИН АСОЗОДА** (1972), 50-солагии журналист, сармуҳаррири нашрияи “Садои мардум”.

**ОМОН РАҶАБ** (1942), 80-солагии шоири ӯзбекзабони Тоҷикистон.

**26 МАЙ**

**АБДУСАТТОР СУЛАЙМОНОВ** (1947), 75-солагии зодрӯзи доктори илми техникӣ, профессор.

**ЗИЁВУДДИН АЛИЕВ** (1932), 90-солагии зодрӯзи олими соҳаи кишоварзӣ, Корманди шоистаи Тоҷикистон.

**Таҳияи С. ГУЛОВ, Н. БАҲРУЛЛО, кормандони Китобхонаи миллии Тоҷикистон**

**Шахсиятҳои таърихӣ, олимони варзида, ходимони давлативу ҷамъиятӣ мавлуд доранд? ПЕШОПЕШ МОРО ОГОҲ КУНЕД.** Тел: 221-00-84

БОКС

# НАМОЯНДАҲОИ ТОҶИКИСТОН ДАР ЧЕМПИОНАТИ ҶАҲОН НОКОМ ШУДАНД

**Дар шаҳри Истанбули Туркия аз 9-уми май Чемпионати ҷаҳонии бокс миёни бонувон шурӯъ гардид, ки то 21-уми май идома меёбад. Дар чемпионат 310 варзишгар аз 73 кишвар иштирок доранд, ки намояндаҳои Тоҷикистон низ ҳастанд.**



Ҷумҳурии моро дар ин мусобиқаи бонуфуз Сумайя Қосимова (48 кг), Руҳафзо Ҳақназарова (50 кг), Меҳрона Самадова (57 кг) ва Шоира Зулқайнарова 63 кг) намояндагӣ карданд.

Аз миёни онҳо ба Шоира Зулқайнарова муяссар шуд, ки то ба даври чорякфинал бароянд. Шоира Зулқайнарова пас аз ду пирӯзӣ бар намояндагони Кувейт ва Кореяи Ҷанубӣ дар вазни 63 кг дар даври чорякфинал аз варзишгари Ҳиндустон Парвин шикаст хӯрда, аз идомаи сабқатҳо маҳрум шуд.

Руҳафзо Ҳақназарова дар вазни 50 кг дар дар даври аввал бар варзишгари Боливия Айда Санталла ғалаба кард, вале дар даври дуюм аз намояндаи Колумбия Ингрит Лорена Виктория мағлуб шуд.

Сумайя Қосимова дар вазни 48 кг дар даври аввал аз Севда Асенова (Булғория), Меҳрона Самадова (57 кг), ки дар даври аввал озод буд, дар даври дуюм аз Йу Тинг-Линг (Тайпей) ноком шуданд.

Тоҷикистон аз Чемпионати ҷаҳонии бокс миёни бонувон танҳо як медали биринҷӣ дорад, ки онро соли 2012-ум Мавзуна Чориева ба даст оварда буд.

ФУТБОЛ



# ЯК ПИРӮЗӢ ВА ЯК МУСОВИИ НАВРАСОНИ ТОҶИКИСТОН ДАР CAFA-2022

**Имрӯзҳо дар шаҳри Душанбе Чемпионати CAFA-2022 байни дастаҳои наврасон (U-16) бо ширкати дастаҳои мунтахаби наврасони Эрон, Афғонистон, Қирғизистон, Ӯзбекистон ва Тоҷикистон идома дорад.**

Дар даври якуми мусобиқа дастаҳои Ӯзбекистон бо Эрон ва Афғонистон бо Қирғизистон мусовӣ бозӣ карданд. Бозии якум бо ҳисоби 2:2 ва бозии дуюм бо натиҷаи 1:1 анҷом ёфт.

Дастаи мунтахаби наврасони Тоҷикистон таҳти роҳбарии Зайниддин Раҳимов мусобиқаро бо ғалаба оғоз кард. Наврасони Тоҷикистон дар даври якум озод буданд ва дар даври дуюми мусобиқа ҳамсолони худ аз Қирғизистонро бо ҳисоби 2:0 мағлуб карданд. Голҳоро Масрур Ғафуров (аз пеналтӣ) ва Шерафган Саидов заданд.

Дар бозии дигари даври дуюми Чемпионати CAFA-2022 байни дастаҳои наврасон (U-16) Ӯзбекистон дарвозаи футболбозони Афғонистонро голборон кард - 6:0.

Дастаи мунтахаби наврасони Тоҷикистон дар даври сеюми Чемпионати Ассотсиатсияи футболи Осиёи Марказӣ бо тими наврасони Афғонистон мусовӣ бозӣ кард. Бозии дастаҳо 16-уми май дар Варзишгоҳи марказии ҷумҳуриявии шаҳри Душанбе бе гол (0:0) анҷом ёфт.

Дар бозии дигари даври сеюми Чемпионати CAFA-2022 байни дастаҳои наврасон (U-16) Эрон Қирғизистонро мағлуб кард - 2:0.

Шогирдони Зайниддин Раҳимов ду бозии дигар бо дастаҳои Эрону Афғонистон баргузор мекунанд. Чемпионат мувофиқи системаи даврӣ дар як давр сурат мегирад.

ЧЕМПОНАТИ ТОҶИКИСТОН

# «ИСТИҚЛОЛ» ВА «ХУҶАНД» МУСОВӢ БОЗӢ КАРДАНД

**Рӯзҳои 14 ва 15-уми май бозиҳои даври ҳафтуми Чемпионати футболи Тоҷикистон миёни дастаҳои Лигаи олӣ баргузор шуданд, ки дар бозии марказӣ «Истиқлол» бо «Хуҷанд» мусовӣ бозӣ карданд.**

Чемпиони феълии Тоҷикистон "Истиқлол"-и Душанбе дар ду бозӣ пайиҳам пирӯзӣ ба даст оварда наметавонад. Ин навбат дастаи Виталий Левченко бо "Хуҷанд" мусовӣ (1:1) бозӣ кард. Ба голи задаи Ҷаҳонгир Эргашев душанбегиҳо тавассути зарбаи нишонраси Манучеҳр Ҷалилов ҷавоб доданд.

Дар бозии дигар "Эсхата"-и Хуҷанд бар дастаи КМВА бо ҳисоби 4:1 пирӯз шуд. Қаҳрамони бозӣ Дилшод Бозоров гардид, ки аввалин хет-трикро дар мавсим иҷро кард.

Дастаи "Файзканд"-и Восеъ дар сафар "Равшан"-и Зафарободро шикаст дод - 3:1. Ду голи Шавкат Ҳотам ва голи Амирҷон Сафаров ба дастаи ноҳияи Восеъ се имтиёз оварданд.

"Истаравшан" пайиҳам чор бохтро таҳаммул мекунад. Дастаи Истаравшан ин дафъа аз «Равшан»-и Кӯлоб бо ҳисоби 0:1 мағлуб шуд. Голи ин дидорро легионер Куасси Иннoсент зад.

Ниҳоят, дастаи «Хатлон»-и Бохтар дар даври хафтум дар меҳмонӣ бар «Регар-ТадАЗ»-и Турсунзода бо ҳисоби 1:0 пирӯз шуд. Голро Нуриддин Ҳамрокулов дар дақиқаҳои иловагӣ аз пеналтӣ зад. Баъд аз бозӣ ФФТ довари ин бозиро барои ҳамин пеналтӣ, ки аз рӯйи қоида набудааст, муҷозот кард ва аз доварӣ дар чанд бозӣ маҳрум сохт.

Бозиҳои даври хаштуми Чемпионати Тоҷикистон миёни дастаҳои Лигаи олӣ 18 ва 22-юми май ба нақша гирифта шудаанд. Баъд аз ин танаффус эълон мешавад, чун бозигарон ба дастаи мунтахаб даъват шудаанд ва шогирдони Петер Сегерт бояд 19-уми май ба Дубай сафар кунанд.



# МЕДАЛИ ТИЛЛО ВА БИРИНҶИИ ҶАВОНОНИ ТОҶИК АЗ ҶОМИ ОСИЁ

**Ҷудокорони ҷавони кишвар дар Ҷоми Осиё миёни наврасон ва ҷавонон, ки аз 12 то 15-уми май дар шаҳри Алматои Қазоқистон бо ширкати 473 варзишгар аз 6 кишвар баргузор шуд, соҳиби як медали тилло ва як биринҷӣ шуданд.**

Тоҷикистонро дар ин мусобиқа миёни наврасон Фотимаҳон Гадоева (-52 кг), Ҷасур Лутфишоев (-55 кг), Худодод Шанбиев (-60 кг), Ҷаъфари Ҷаъфар ва Мусо Саъдуллоев (хар ду -66 кг) муаррифӣ карданд. Мутаассифона, мусобиқаи мазкур барои варзишгарони навраси тоҷик бо нокомӣ анҷом ёфт.

Дар сабқатҳо миёни ҷавонон Тоҷикистонро 8 нафар - Саидашраф Лоиков, Абуҳанифа Курбонбозор, Абубакр Шеров (хар се -66 кг), Ҳоҷибек Мухтодов (-73 кг), Сунатулло Лоиков, Мизробшо Лоиков (хар ду -81 кг), Мухсин Малаев (-90 кг) ва Парвиз Абдураҳмонов (-100 кг) намояндагӣ карданд.

Аз миёни онҳо Абубакр Шеров ба гирифтани медали тилло ва Парвиз Абдураҳмонов ба гирифтани медали биринҷӣ мушарраф шуданд.

Абубакр Шеров (-66 кг), ки дар даври аввал озод буд, дар даври дуюм бар ҷудокори мизбон Бекзод Каиргалиев пирӯз шуд. Дар даври сеюм бар варзишгари дигари мизбон Куралбек Саталиев ғалаба кард. Дар даври чорякфинал Абубакр муқобили ҷудокори Ӯзбекистон Мухриддин Ғиёсов пирӯз шуд. Ӯ дар нимфинал бар Нурдавлат Базиржани қазоқ ва дар финал бар Азизбек Ортикови ӯзбекистонӣ дастболо шуда, ғолиби мусобиқа гардид.

Парвиз Абдураҳмонов (-100 кг) дар даври якум бар Динассил Таттимбеки қазоқ ғалаба кард, вале дар чорякфинал аз варзишгари Ӯзбекистон Муҳаммадқодир Мансуров шикаст хӯрд. Сипас, дар даври тассалобахш Темирлан Кайролда ва дар кувваозмоӣ барои ҷойи сеюм Габдулманап Ерассилро (хар ду варзишгари мизбон) шикаст дода, барандаи медали биринҷӣ шуд.

Эълонҳои бештар дар ARZON.TJ

# ШАКАРХАНД

## Тарабхона

Марде ба зани дӯстдоштааш мегӯяд:

- Садбарг, хамроҳи ман ба осорхона меравед?

Садбарг дар ҷавоб:

- Акрамҷон, шумо магар калимаи "тарабхона"-ро талаффуз карда наметавонед?

## Навбат

Дар назди утоқи кории духтури занона навбат хеле калон аст. Зане давида омада, ба нафарони дар навбат истода мегӯяд:

- Ман танҳо як чизро пурсида мебароям!

Нафарони дар навбат буда хитоб мекунанд:

- Хайр чӣ? Мо ҳам фақат як чизро нишон медиҳему мебароем!

## Рӯйхати гумонбарон

Духтар ба падари прокурораш мегӯяд:

- Дада, ман ҳомиладор ҳастам.

Прокурор дар ҷавоб:

- Оҳ, Худоё... тифлат аз кист?

Духтар коғазеро ба падар дароз карда, мегӯяд:

- Ана, рӯйхати нафарони гумонбар...

## Муколамаи ошиқон

Аз муколамаи ду дилдода.

Духтар менависад:

- Ҷон, ин бегоҳ ба пушти ҳавлиямон биё, дар хона касе нест. Модару ҳохарам ба меҳмонӣ рафтаанду падарам поящро шикастааст.

Ҷавон дар ҷавоб менависад:

- Ман рафта наметавонам, зеро ба табобати ҳамон чоям машғул ҳастам, ки падарат пояшро дар он зада шикаст.

## Эълон

Марде ба идораи ҳафтанома занг зада, мепурсад:

- Ман дар ҳафтаномаи шумо эълон дода будам, ки сагам гум шудааст ба нафари онро пайдонамуда 1000 доллар медиҳам. Ягон хабар ҳаст?

Корманди ҳафтанома ҷавоб медиҳад:

- Чизе гуфта наметавонам. Дар идора на муҳаррир асту на хабарнигорон, ҳама ба ҷустуҷӯи саги шумо баромадаанд.

## Достон

Ҷавонзане аз шавҳараш мепурсад:

- Мардак, ту маро мисли он ки Маҷнун Лайлиро дӯст медорад, дӯст дошта метавонӣ?

Шавҳар дар ҷавоб:

- Намедонам, ман ин достонро нахондаам.

Зан боз мепурсад:

- Маро мисли оне, ки Отелло Дездемонаро рашк мекард, рашк карда метавонӣ?

Шавҳар дар ҷавоб:

- Намедонам, ман ин достонро нахондаам.

Зан ин дафъа мепурсад:

- Ту кадом китобро хондаӣ?

Шавҳар дар ҷавоб:

- «Муму»-ро хондаам. Агар саг барин ҷакидан гирӣ, дар об ғарқ кунонида, мекушам.

**Таҳияи**
**Нодира РАҶАБОВА**







## ПУРСЕД, ҶАВОБ МЕДИҲАНД!

# 100 БАЛАНДОШЁНА ДАР ҲИСОР




**Мегӯянд, ки дар шаҳри Ҳисор тайи 5 соли оянда 100 бинои баландошёна месозанд. Магар дар Ҳисор инфраструктура барои таъмини об, партов, канализатсия, барқ ва ғайра мавҷуд аст? Оё касе инҳоро фикр кардааст?**

**Усмон АБДУЛЛОЕВ,**
**собиқадори меҳнат,**
**шаҳри Ҳисор**

Дар воқеъ, МИХД-и шаҳри Ҳисор азм дорад, ки то соли 2026-ум, то 35-умин солгарди истиқлолияти Тоҷикистон беш аз 100 бинои баландошёнаи Истиқоматӣ бо марказҳои савдою хидматрасонӣ бунёд кунад.

Дар иртибот ба суоли хонанда, мо бо Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Ҳисор дар тамос шудем. Аз ин ниҳод хабар доданд, ки дар ин робита шаҳрдори Ҳисор Қосим Роҳбар бо ҳайати Комиссияи қабули иншоот ҷаласа баргузор карда, аз эҳтимоли пеш омадани мушкилот дар таъмини муназзами сокинон бо биноҳои навбунёд ва беш аз 40 ҳазор аҳолии шаҳрак бо барқ, об ва дигар хидматрасониҳои коммуналӣ ҳушдор додааст. Пешниҳод шудааст, ки бо назардошти афзоиши талабот ба нерӯи барқ ва пешгирии садамаҳо дар хатҳои барқ, ҳати иловагӣ ба маҳаллаҳо кашида шавад.

Зимни таҳлили тарҳ сардори шабакаҳои барқи шаҳри Ҳисор Мансур Файзуллоев изҳор доштааст, ки барои харидории пояҳои оҳану бетонӣ, ноқилҳои қутрашон гуногун, трансформаторҳо ва ғайра ҳудуди ним миллион сомонӣ зарур аст.

Мақомот мегӯянд, ки бо мавриди истифода қарор гирифтани хати нави 4-километрӣ таъминоти барқ дар Ҳисор беҳтар гардида, талафоти он коҳиш дода мешавад.

Раиси шаҳр шахсони масъулро барои дарёфти сарчашмаҳои маблағгузорӣ, таъмини шаффофияти масрафи он, оғозу вусъати корҳо дар муҳлати муайянгардида мувазззаф намудааст.

Аз мақомоти Ҳисор хабар доданд, ки бо сохта шудани иншоот бунёди инфраструктураҳои зарурӣ низ дар назар аст.

PRESSA.TJ
СОМОНАИ НАШРИЯИ ТОҶИКИСТОН
ХАБАРҲОИ ТОҶИКИСТОН ВА ҶАҲОН